Пардохти андоз - бахои
тамаддуниятнокии ҷомеа

# Боҷу Хироҷ

№4 (1153)
Панҷшанбе,
24 январи соли 2019

E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли
1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



## МАҶЛИСИ ВАСЕИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

21 январ таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

с. 2-4

ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР

# Афзалиятҳои пардохти ғайринақдӣ




ҶАЛАСАИ МУШОВАРА

# Рушди соҳибкорӣ - самти муҳими сиёсати иқтисодии давлат

## Ҳисобот дар бораи натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019

**17 январи соли 2019 ҷаласаи васеи Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо гашт, ки дар он Сардори Раёсати молияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳалимзод Абдураҳмон Достӣ, муовини якуми Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода Ҷамшед Абдураҳмон, прокурори шуъбаи назорати иҷрои қонунгузории андози Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосимзода Алишер Маҳмаднасим иштирок карданд.**

Ҷаласаро Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Н.М. ифтитоҳ намуд. Сипас муовини якуми Раиси Кумитаи андоз А.Солеҳзода оид ба натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019 суханронӣ намуд. Ӯ аз ҷумла гуфт, чуноне ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд гардид, дар натиҷаи амалӣ намудани вазифаҳои муқарраршуда дар соли 2018 рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи 7,3 фоиз ҷамъбаст шуда, пешрафти соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ, бахусус, бахшҳои истеҳсолӣ таъмин гардид.

Рушди бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодӣ буда, то имрӯз доир ба дастгирии давлатии соҳибкорӣ, содагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ, танзими фаъолияти иҷозатдиҳӣ ва ба танзим даровардани санҷишҳои субъектҳои хоҷагидор корҳои назаррас ба анҷом расонида шуд.

Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ёдовар шуданд, соли 2018 бо мақсади бартараф намудани санҷишҳои беасосу такрорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ, ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ дар давоми ду сол мораторий эълон шуда буд, ки аз он қариб 2000 субъекти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ бархӯрдор гардиданд.

**(Давомаш дар саҳ.5)**

АМАЛИЁТИ ГУРӮҲИ КОРӢ

## ТАДБИРҲО БАҲРИ КОҲИШ ДОДАНИ ҚАРЗ



Таъмини иҷрои қисми даромади буҷет, кам намудани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор – ҳадафи амалиёти Гурӯҳи корӣ

с. 7

САНҶИШ

## ОМИЛИ ТАЪСИРРАСОН



Мақсади санҷиш пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти саривақтии маблағи андоз аст.

с. 9

ЭЪЛОН

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии зерин ОЗМУН эълон менамояд.

с. 12

# Маҷлиси васеи

## Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон



**21 январ дар бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар кори маҷлис роҳбарият ва аъзои Ҳукумати кишвар, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории он, роҳбарони мақомоти марказии давлатӣ, идораҳои назди Президент ва Ҳукумат, корхонаю муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои олии таълимӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ, бонкҳои давлатӣ ва саҳомӣ, рӯзномаю маҷаллаҳои расмӣ ва дигар шахсони масъул иштирок карданд.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар соли 2018 натиҷагирӣ ва вазифаҳои асосӣ барои соли 2019 муайян карда шуд. Аъзои Ҳукумат аз ҷумла, вазъи воқеии иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, иҷрои стратегияву барномаҳо ва нақшаҳои қабулшуда ва дастуру супоришҳое, ки аз тарафи Сарвари давлат дар Паём ба Маҷлиси Олӣ, ҷаласаҳои Ҳукумат ва ҷараёни сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат гузошта шудаанд, инчунин камбудиву норасоиҳо ва мушкилоту масъалаҳои дар соҳаҳои мухталиф ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли онҳоро мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кори маҷлисро оғоз бахшида, таъкид намуданд, ки соли 2018 дар маҷмӯъ барои мардуми тоҷик соли бобарору таърихӣ ба ҳисоб рафта, бо ҷаҳду талошҳои сокинони мамлакат бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст гардид.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар соли 2018 ҳисоботи Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода шунида шуд.

Тавре таъкид гардид, бо вуҷуди вазъи мураккаби иқтисодиёти ҷаҳон ва минтақа дар натиҷаи андешидани тадбирҳои Ҳукумати Тоҷикистон таҳти роҳбарии бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва татбиқи саривақтии ҳуҷҷатҳои стратегӣ соли 2018 рушди иқтисоди кишвар дар сатҳи устувор нигоҳ дошта шуд. Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 68,8 млрд. сомонӣ баробар гардида, суръати рушд 7,3 фоизро ташкил дод.

Афзоиши як қатор нишондиҳандаҳо, аз ҷумла маҳсулоти саноатӣ 11,8 фоиз, кишоварзӣ 4 фоиз, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 7,8 фоиз, ҳаҷми умумии гардиши савдо 15,4 фоиз ва хизматрасониҳои пулакӣ 2,1 фоиз ба рушди иқтисодӣ мусоидат намуд. Дар давраи ҳисоботӣ таваррум дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шуда, 5,4 фоизро ташкил дод.

Сарвазири мамлакат таъкид доштанд, ки бо мақсади самаранок ва оқилона истифода намудани захираву имкониятҳои мавҷуда ва дар ин замина таъсис додани ҷойҳои нави корӣ соли 2018 дар қаламрави кишвар 131 корхонаву коргоҳҳои нави саноатӣ таъсис дода шуданд.

Бояд таъкид намуд, ки зимни ирсоли Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ Президенти мамлакат бо мақсади ба кишвари индустриалӣ мубаддал кардани Тоҷикистон ва бо дарназардошти афзоиши ҳиссаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон карданд.

Оғоз гардидани бунёди 9 корхонаи нави истеҳсолии Минтақаи саноатии шаҳри Душанбе, ба кор андохтани навбати дуюми Маҷмааи нассоҷии Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Ҷунтай-Данғара» барои коркарди саноатии қариб 15 ҳазор тонна нахи пахта ва бо иқтидори солонаи 12 ҳазор тонна ришта, корхонаи муштараки Тоҷикистону Чин «Муосир» ва бунёду навсозии корхонаҳои саноатӣ оид ба истеҳсоли орд, маҳсулоти нассоҷӣ, масолеҳи сохтмонӣ, қолинбофӣ, таҷҳизоти маишӣ ва бозичаҳои бачагона, васлу насби нақлиёт ва истеҳсоли дигар намудҳои маҳсулот барои ноил гардидан ба ҳадафи саноатикунонии мамлакат заминаи устувор мегузоранд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар қатори пешравиҳои соҳа камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, корҳо дар самти бунёд намудани коргоҳҳои коркарди шир, сеххҳои дӯзандагӣ барои истеҳсоли либоси мактабӣ, коргоҳҳои атласу адрасбарорӣ ва қолинҳои дастӣ беҳбудиро талаб менамояд. Зеро тибқи таҳлилҳо, дар шаҳру ноҳияҳо соли 2018 ҳамагӣ 14 коргоҳи коркарди шир, 67 сехи дӯзандагӣ барои истеҳсоли либоси мактабӣ, 139 коргоҳи атласу адрасбарорӣ ва 37 коргоҳи қолинҳои дастӣ таъсис дода шудаанд, ки ин қонеъкунанда нест. Дар баъзе шаҳру ноҳияҳо умуман коргоҳҳои коркарди шир ва қолинҳои дастӣ ташкил нашудаанд.

Бинобар сабаби пурра коркард нагардидани нахи пахта дар дохили кишвар содироти он ба хориҷи кишвар мунтазам афзоиш ёфта, ҳаҷми он соли 2018-ум 93 ҳазор тоннаро бо арзиши 165 млн. доллар ташкил дод. Аз ҷумла, соли 2018 дар корхонаҳои нассоҷӣ 21 фоизи нахи пахтаи дар дохил истеҳсолгардида коркард шудааст.

Яке аз сабабҳои пурра коркард нашудани нахи пахта аз фаъолият бозмондани корхонаҳои ресандагӣ ё бо иқтидори пурра фаъолият накардани онҳо мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ 4 корхона, аз ҷумла Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Олим Текстайл», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Вализода Мастчоҳ» дар ноҳияи Мастчоҳ, Ҷамъияти Саҳомии Кушодаи «Самар» дар ноҳияи Восеъ ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Бофандаи Норак»-и шаҳри Норак умуман фаъолият накардаанд.

Сарвари давлат ба Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода, муовини якуми Сарвазир Давлаталӣ Саид ва муовинони Сарвазир Азим Иброҳим ва Маҳмадтоир Зокирзода ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда, ки аз таҳлилу ҷамъбасти воқеии соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар соли 2018 бармеоянд, супоришҳои мушаххас доданд.

Дастурҳо ҳамчунин вобаста ба вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таъсири омилҳои беруна ба иқтисоди кишвар, таъмини нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва тақвияти фаъолияти муназзами ҳамаи соҳаҳо, иҷрои саривақтии нишондиҳандаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, таҳти назорати қатъӣ гирифтани ҳадафҳои стратегӣ ва самтҳои афзалиятноки муайянгардида, иҷрои консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ ва татбиқи самараноки лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дода шуд.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки барои амалишавии ҳадафи чоруми миллӣ — саноатикунонии босуръати кишвар дар самти ҳавасманд намудани сармоягузорӣ ба соҳаҳои истеҳсолӣ, барои баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии маҳсулот ва диверсификатсияи содирот тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Дар кори маҷлиси Ҳукумати мамлакат ҳисоботи вазири молия Файзиддин Қаҳҳорзода, раиси Кумитаи андоз Нусратулло Давлатзода ва сардори Хадамоти гумрук Хуршед Каримзода шунида шуданд.

Зимни ҳисоботи вазири молия таъкид гардид, ки дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат қисми умумии даромади буҷети давлатӣ 100,3 фоиз таъмин шуда, ба он 23,3 млрд. сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нақша 71,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ нақшаи воридоти андозҳо аз ҷониби мақомоти андоз 100,6 фоиз ва Хадамоти гумрук 101,2 фоиз таъмин карда шуд.

Қисми даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби андози иҷтимоӣ 102,6 фоиз таъмин гардид, ки нисбат ба нақша 44 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Сарфи назар аз иҷрои нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ сифатнокӣ аз ҳисоби 2 намуди андозҳо ба маблағи 420 млн. сомонӣ, аз ҷумла андоз аз даромад 8,3 млн. сомонӣ ва андоз аз арзиши иловашуда 411,3 млн. сомонӣ иҷро нагардид.

Дар соли сипаришуда 6 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ, аз ҷумла шаҳри Ваҳдат, ноҳияҳои Ёвон, Панҷ, Фархор, Ховалинг ва Восеъ уҳдадориҳои андозии худро дар назди буҷет дар ҳаҷми умумии 64 млн. сомонӣ таъмин накарданд.

Ҳаҷми бақияпулиҳои андозӣ нисбат ба аввали соли 2018-ум 59,2 млн. сомонӣ кам карда шуд ва ба ҳолати 31 декабри соли ҳисоботӣ 712 млн. сомониро ташкил дод.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба масъалаи иҷро нагардидани 2 намуди андоз ва аз ин ҳисоб ба буҷет ворид нашудани 420 миллион сомонӣ изҳори нигаронӣ намуда, барои кам намудани ҳаҷми бақияпулиҳои андоз андешидани тадбирҳои таъхирнопазирро аз ҷониби Ҳукумати кишвар таъкид карданд.

Вазорати молия вазифадор карда шуд, ки якҷо бо Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати иҷрои саривақтии даромадҳои буҷети давлатӣ тадбирҳои зарурӣ андешад.

Дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Бонки миллӣ Ҷамшед Нурмуҳаммадзода ва раиси Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон “Амонатбонк” Руҳулло Ҳакимзода доир ба соҳаи бонкдорӣ ва сиёсати самараноки пулию қарзӣ ҳисобот доданд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни таҳлили вазъи соҳа таъкид доштанд, ки дар натиҷаи бад шудани нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои алоҳида, паст гардидани пардохтпазирии ташкилотҳои қарздиҳанда ва афзоиш ёфтани хавфҳои қарзӣ раванди фаъолияти қарздиҳӣ дар кишвар коҳиш ёфтааст.

Норасоии асъори нақди хориҷӣ дар муомилот масъалаи дигари низоми бонкӣ мебошад, ки барои пешбурди фаъолияти самараноки соҳибкорон монеа эҷод мекунад.

Аз ин рӯ Сарвари давлат таъкид доштанд, ки Бонки миллӣ ҷиҳати ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, баланд бардоштани эътимоди мардум ба низоми бонкӣ, беҳтар гардонидани сифат ва ҷорӣ кардани хизматрасониҳои нав чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Таъкид гардид, ки Бонки миллӣ ва Вазорати молия ҷиҳати ҳалли масъалаҳои ҷамъиятҳои саҳомии “Тоҷиксодиротбонк” ва “Агроинвестбонк”, коҳиш додани таъсири манфии омилҳои берунӣ ва пешгирӣ намудани хавфҳои эҳтимолӣ ба низоми молиявии кишвар тадбирҳои қатъӣ андешанд.

Зимни баромади худ вазири рушди иқтисод ва савдо Неъматулло Ҳикматуллозода ва раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Фаррух Ҳамрализода дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар соли 2018, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҷалби бештари сармоя ба иқтисодиёти кишвар ҳисобот доданд.

Қайд гардид, ки новобаста аз мавҷуд будани захираву имкониятҳои дохилии кишвар дар самти таъмин намудани рушди босуботи иқтисодӣ ва истеҳсоли маҳсулоти қобили рақобат аз 61 барномаи соҳавӣ ва минтақавӣ 30 барнома иҷро шудаасту халос. Иҷрои барномаҳои дигар ғайриқаноатбахш арзёбӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш доданд, ки дар самти фаъол гардонидани марказҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорону сармоягузорон, истифодаи васеи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рақобати солими субъектҳои соҳибкорӣ чораҳои заруриро амалӣ намоянд.

Таъкид гардид, ки дар ин раванд таъмини кафолати ҳимояи сармоягузорон беҳтар намудани нишондиҳандаҳои рейтингҳои байналмилалии кишвар ва дигар тадбирҳо, ки бевосита ба рушди бахши хусусӣ ва беҳсозии фазои сармоягузорӣ такони ҷиддӣ медиҳанд, муҳим мебошад.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вазифадор гардиданд, ки назорати қатъии иҷрои сифатноки барномаҳои рушд ва лоиҳаҳои давлатии сармоягузориро ба роҳ монанд.

Супоришҳои дигар барои ислоҳи камбудиҳо дар самти азхудкунии маблағҳо, коҳишёбии сармоягузории мустақим, беҳсозии фазои

# Маҷлиси васеи

## Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон



сармоягузорӣ ва ғайришаффоф будани лоиҳаҳо дода шуд.

Сипас, директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа Сафаралӣ Наҷмиддинзода оид ба натиҷаҳои фаъолияти соҳа дар соли 2018 ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот дод.

Сарвари давлат барои аз байн бурдани мушкилот дар самти хизматрасонии соҳаи иҷтимоӣ ва иҷрои минбаъдаи нақшаи суғуртавӣ ба роҳбарияти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дастурҳои мушаххас доданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва роҳбарияти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа супориш доданд, ки барои ислоҳи камбудиҳои соҳа, аз ҷумла баҳисобгирии дурусти варақаҳои корношоямӣ, таҳияи системаи муайяни таъини нафақа ба шахсони маъюб ва ба ҳисобгирии шахсони фавтида, чораҳои мушаххас андешанд.

Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Султонзода Сулаймон оид ба фаъолияти соҳа, вазъи ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии характери коррупсионидошта ва ҳаҷми зарари аз ин ҷиноятҳо расида ҳисобот дод.

Зикр гардид, ки соли гузашта дар фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва сохтору субъектҳои хоҷагидории давлатӣ 1248 тафтишу санҷишҳои молиявӣ гузаронида шуда, ба маблағи умумии беш аз 600 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор шудааст. Аз ин маблағ қариб 490 миллион сомонӣ ба буҷети давлат ва ба суратҳисоби корхонаву муассисаҳо барқарор гардидааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони вазорату идораҳо, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва дигар мақомоти дахлдори давлатиро вазифадор карданд, ки дар самти истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, пешгирӣ намудан ва тақвият бахшидан ба мубориза бо ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ, махсусан дар соҳаи молия ҷораҳои қатъӣ андешанд.

Ба ҳамин монанд зарарҳои молиявӣ, ҳамчунин дар ҳисоботи раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарахон Чиллазода қайд шуд.

Дар натиҷаи санҷиши аудитории вазорату идораҳо, субъектҳои хоҷагидор ва дигар муассисаҳои буҷетӣ аз ҷониби Палатаи ҳисоб ба маблағи 396 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор шуда, 73 фоизи он барқарор гардидааст.

Палатаи ҳисоб вазифадор шуд, ки раванди таҳия ва банақшагирии буҷети давлатиро қатъӣ назорат карда, истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, шаффофияти хароҷоти онҳо, пешгирӣ кардани ҳолатҳои коррупсионӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳоро таъмин намоянд.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи Неругоҳи барқи обии "Роғун" Хайрулло Сафарзода оид ба рафти корҳои сохтмонӣ дар иншооти муҳими аср ҳисобот дод.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти Ҷамъияти саҳомии кушодаи Неругоҳи барқи обии "Роғун" барои иҷрои босифати корҳои сохтмонӣ, истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва дар муҳлатҳои муайяншуда ба истифода додани агрегати дуюми Неругоҳи барқи обии "Роғун" супоришҳои қатъӣ доданд.

Дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба самтҳои фаъолият дар соҳаи саноат ва технологияҳои нав ҳисоботи вазири саноат ва технологияҳои нав Шавкат Бобозода шунида шуд.

Бо мақсади бо мутахассисони соҳибкасбу навовар ва дорои қобилияти азхудкунии технологияҳои муосир таъмин намудани соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ роҳбарияти вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ вазифадор карда шуданд, ки барномаҳои таълимиро бо дарназардошти талаботи воқеии бозори меҳнат дар самти омода кардани мутахассисони соҳа таҷдиди назар намуда, ҷиҳати пайвастани илм бо амал дар ин самт тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав дастур доданд, ки дар муддати 6 моҳ камбудиҳои мавҷудаи соҳаро ислоҳ карда, аз натиҷааш дар ҷамъбасти нимсолаи соли 2019 ба Ҳукумат ҳисобот манзур намояд.

Баъди шунидани ҳисоботи раиси Шӯрои директорони КВД "Ширкати алюминийи тоҷик" Шералӣ Кабир Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз коҳишёбии ҳаҷми истеҳсоли алюминий изҳори нигаронӣ карда, таъкид намуданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли гузашта 7,1 фоиз ва нисбат ба соли 2012 қариб се баробар кам мебошад.

Бинобар ин, муовини якуми Сарвазир Давлаталӣ Саид, муовини Сарвазир Азим Иброҳим, раиси Шӯрои директорони Корхонаи воҳиди давлатии "Ширкати алюминийи тоҷик" Шералӣ Кабир ва ҳайати роҳбарикунандаи он, роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор вазифадор шуданд, ки ҷиҳати истифодаи пурраи иқтидорҳо ва афзоиш додани истеҳсол ва содироти алюминий ва ҳамзамон бо ин, доир ба роҳҳои таъмин намудани рушди минбаъдаи ширкати мазкур тадбирҳои зарурӣ андешанд ва дар ҷамъбасти нуҳмоҳаи соли 2019 ба Ҳукумат ҳисобот манзур намоянд.

Сипас дар кори маҷлиси васеи Ҳукумат ҳисоботи вазири энергетика ва захираҳои об Усмоналӣ Усмонзода ва раиси Ширкати холдингии кушодаи "Барқи тоҷик" Мирзо Исмоилзода шунида шуд.

Новобаста аз пешравии кор дар соҳа қарздории ширкат, истифодаи ғайри мақсадноки неруи барқ, ҷамъоварии нокифояи пардохти ҳаққи истифодаи он ва талафоти барқ аз камбудиҳои асосии соҳа номида шуд.

Дастур дода шуд, ки барои таъмини ҷумҳурӣ бо неруи барқ ва содироти он чораҳои мушаххас андешида шавад.

Дар кори маҷлис ҳамчунин ҳисоботи директори Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Тоҷик Эйр" шунида шуд.

Дар идомаи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои кори соҳаи нақлиёти мамлакат, фурудгоҳи байналмилалӣ ва роҳи оҳан ҳисоботи вазири нақлиёт Худоёрбек Худоёрзода, директори Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе" Исматулло Абдуллозода ва сардори Корхонаи воҳиди давлатии "Роҳи оҳани Тоҷикистон" Комил Мирзоалӣ шунида шуд.

Сарвари давлат аз масъулини соҳаҳои номбаршуда, беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ, таъмини муназзами ҳаракат дар роҳҳои кишвар, боло бардоштани ҳаҷми боркашонию мусофиркашонӣ, бо истифода аз имконоти ширкатҳои ватанӣ афзун намудани шумораи хатсайрҳои ҳавоиро талаб карданд.

Сипас доир ба вазъи соҳаи кишоварзӣ, иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ вазири кишоварзӣ Иззатулло Сатторӣ ҳисобот дод.

Президенти мамлакат аз паст рафтани нишондиҳандаҳои содироти маҳсулоти кишоварзӣ, талафёбии ҳосили картошка дар аксар хоҷагиҳои картошкапарварӣ, коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли пахта, изҳори нигаронӣ карда, ба масъулини соҳа барои бартараф намудани камбудиҳо супоришҳои мушаххас доданд. Ба раисони шаҳру ноҳияҳои мамлакат дастур дода шуд, ки ҷиҳати истифодаи самараноки заминҳои наздиҳавлигӣ барои рушди сабзавоткорӣ ва бунёди боғу токзори нав, тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Дар кори маҷлис инчунин ҳисоботи вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Насим Олимзода, вазири фарҳанг Шамсиддин Орумбекзода, вазири маориф ва илм Нуриддин Саид ва вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Сумангул Тағойзода шунида шуд.

Сарвари давлат ҷиҳати пешгирии бемориҳои сироятӣ дар байни аҳолӣ, беҳтар кардани сифати хизматрасонии тиббӣ, хусусан ёрии аввалияи тиббӣ, рушди фармасевтикаи миллӣ, пешгирии фавти кӯдакон, ҳалли масъалаҳои вобаста ба нарасидани мутахассисон дар муассисаҳои соҳаи фарҳанг, фарогирии бештари кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, ба забономӯзии бештар фаро гирифтани хонандагон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, афзалият додан ба таҳсили духтарони деҳоти дурдасти мамлакат дар муассисаҳои олии таълимӣ аз ҳисоби квотаи Президентӣ, ташкили коргоҳҳои хурди истеҳсоли ҳунарҳои мардумӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ба бозомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, ба роҳбарони вазоратҳои номбаршуда дастуру супоришҳои қатъӣ доданд.

Роҳбарони кумитаҳои рушди сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, ҷавонон ва варзиш, вазифадор гардиданд, ки ҷиҳати рушди бемайлони соҳаи сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ, тарғибу ташвиқи минтақаҳои сайёҳии мамлакат ва намунаҳои маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Ба вазири корҳои хориҷӣ Сироҷиддин Муҳриддин барои рушду густариши муносибатҳои дуҷониба бо кулли кишварҳои олам, ташкилоту созмонҳои минтақавӣ, байналмилалию ҷаҳонӣ, назорати ҷараёни татбиқи созишномаҳои ҳамкории баимзорасида ва баҳри ислоҳи камбудиҳои соҳа, хусусан дар интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандони сафоратҳо ва консулгариҳои Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва дар маҷмуъ татбиқи сиёсати хориҷии Роҳбарияти давлату Ҳукумати мамлакат ва назорати иҷрои дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шуд.

Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти шаҳрдорӣ дар соли ҳисоботии 2018 гузориш дод.

Қайд гардид, ки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар соли 2018 дар партави сиёсати бунёдкоронаю созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба таъмини рушди босуботи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва амалӣ гардонидани дигаргунсозиҳо дар соҳаҳои инфрасохторию хизматрасонӣ, ободонию созандагӣ, инчунин, ҷиҳати дарёфти манбаъҳои иловагии даромад ба буҷет як зумра корҳоро ба анҷом расонид.

Нақшаи умумии даромади буҷети шаҳр ба маблағи 2,9 миллиард сомонӣ ё 100 фоиз иҷро гардид. Қисми даромади буҷети шаҳр аз рӯи воридоти андозу пардохтҳои ҳатмӣ 100 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 1,6 миллиард сомонӣ маблағ ворид шуд. Нақшаи қисми хароҷоти буҷет 95,4 фоиз иҷро гардида, ба соҳаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоии шаҳр 1,9 миллиард сомонӣ равона карда шуд.

Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ қайд кард, ки бо андешидани чораҳои амалигардида ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар шаҳр ба 13,8 миллиард сомонӣ расида, суръати афзоиши он нисбат ба соли 2017-ум 7,3 фоиз зиёд ва ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 20,1 фоиз баробар гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси шаҳри Душанбе ва роҳбарони ноҳияҳои пойтахт бобати вусъати корҳои ободонӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва кӯдакистонҳо, пурра пайваст кардани иншооти соҳаҳои иҷтимоӣ ва хонаҳои истиқоматӣ ба системаи гармидиҳӣ, беҳтар кардани хизматрасонии нақлиёти мусофиркаши ҷамъиятӣ дастур доданд.

Сарвари давлат аз ҷониби раиси шаҳри Душанбе дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бунёд кардани 8 майдончаи варзишии муосирро аз ҳисоби Федератсияи футболи Тоҷикистон иқдоми шоиста арзёбӣ намуданд.

Сипас дар кори маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрокунандаи Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Ёдгор Файзов, раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода, раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода, раисони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти бахшҳо дар соли 2018 ва нақшаҳо дар соли 2019 ҳисобот доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иҷрокунандаи вазифаи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷиҳати таъмини волояти қонун, ҳалли ҳарчи зудтари масъалаҳои вобаста ба соҳаҳои маорифу тандурустӣ, сохтмон, таъмиру навсозии роҳҳои вилоят, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, бунёди коргоҳҳои дӯзандагӣ ва коркарди сангҳо, рушди сайёҳию ҳунармандӣ дар қаламрави вилоят, супоришҳои мушаххас доданд.

**(Давомаш дар саҳ.4)**

# Маҷлиси васеи

## Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

(Аввалаш дар саҳ.2-3)

Ба раиси вилояти Хатлон супориш дода шуд, ки ба масъалаи истифодаи самараноки обу замин, зиёд намудани майдони кишти такрорӣ, ба даст овардани ду се ҳосил аз як замин, иҷрои ҳатмии нақшаи истеҳсоли пахта, меваю сабзавот ва полезиҳо, рушди соҳаи картошкапарварӣ, боғдорӣ, бунёди корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, вусъати корҳои ободонӣ ва тармиму навсозии боғҳои фарҳангию фароғатӣ, таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир намояд.

Роҳбарияти вилояти Суғд вазифадор гардид, ки дар ҳудуди вилоят баҳри ҳалли масъалаҳои вобаста ба татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ — саноатикунонии мамлакат бунёд намудани беш аз 250 корхонаи истеҳсолӣ, ташкили 8 ҳазор ҷои кории амалӣ карда, ба масъалаи таъсиси боғҳои интенсивӣ, рушди картошкапарварӣ, моҳипарварӣ ва шоликорӣ ва омодагии сазовор ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ аҳамияти махсус диҳанд.

Дар охири кори ҷаласаи васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо натиҷагирӣ аз фаъолияти тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба аъзои ҳукумат, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони вазорату идораҳо, вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва дигар мақомоти давлатӣ барои рафъи камбудиҳои мавҷуда, иҷрои нишондиҳандаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи нақша-чорбиниҳои таъминкунандаи пешрафту тараққиёти тамоми соҳаҳои муҳими ҷумҳурӣ дастуру супоришҳои мушаххас дода, дар ҳузури иштирокчиёни ҷаласа суханронӣ намуданд.

Аз ҷумла, зимни таҳлили вазъи соҳаҳо ва мусоидат ба пешрафти онҳо Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар вазорату идораҳои дахлдор, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳоро вазифадор карданд, ки оид ба саноатикунонии мамлакат нақшаи чорабиниҳоро таҳия карда, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тамоюли пастравии истеҳсоли як қатор маҳсулоти саноатӣ, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории якҷо бо нӯшокиҳо изҳори нигаронӣ намуда, вазири саноат ва технологияҳои нав Шавкат Бобозодаро вазифадор намуданд, ки бо мақсади ба роҳ мондани истеҳсоли чунин маҳсулоти ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ тавассути ворид намудани техникаву таҷҳизоти муосир ва ҷиҳати ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастраси аҳолӣ ба ғизои хушсифат Барномаи рушди соҳаи саноати хӯрокворӣ то соли 2025-ро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат манзур намояд.

Ҳамзамон ҷиҳати бе коркарди ниҳоӣ содирот шудани қисми зиёди маҳсулоти корхонаҳои соҳаи саноати истихроҷ изҳори нигаронӣ карда шуд ва таъкид гардид, ки минбаъд Ҳукумати кишвар бояд барои манъ кардани содироти консентрати маъдан аз кишвар чораҷӯӣ намояд.

Бо мақсади ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ба соҳаи коркарди маъдан таъкид гардид, ки дар асоси тағйирот ба қонунгузории амалкунанда аз 1 марти соли 2019 тартиби ҳисоб намудани меъёрҳои бонуси обунавӣ ҳамчун пардохти якдафъаина муқаррар гардида, бонуси истихроҷӣ, ҷорӣ ва пардохти маблағ вобаста ба ҳаҷми истихроҷ ҳамасола таъмин карда шавад.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба натиҷаи корҳо дар самти афзоиши ҳаҷми содироти ватанӣ изҳори нигаронӣ намуданд.

Дар панҷ соли охир ҳаҷми содироти алюминий аз рӯи арзиш 25 фоиз ва маҳсулоти кишоварзӣ 55 фоиз, ҳамзамон бо ин, дар соли сипаришуда содироти маҳсулоти растанӣ 22 фоиз, маҳсулоти тайёри озуқа 25 фоиз, консерваи меваю сабзавот 50 фоиз ва намак 60 фоиз коҳиш ёфтааст.

Рақобатпазир набудани маҳсулоти корхонаҳои ватанӣ, раванди ғайриқаноатбахши диверсификатсияи маҳсулоти содиротӣ, баланд будани арзиши аслии мол, сатҳи пасти идоракунии пешбурди маҳсулот, идоракунии сифат ва ҳифзи манфиатҳои содироткунандагони ватанӣ дар хориҷи кишвар ҳамчун масъалаҳои ҳалталаб қайд карда шуданд.

Бинобар ин, роҳбарони вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ, Кумитаи бехатарии озуқаворӣ, агентиҳои содирот, "Тоҷикстандарт" ва Хадамоти зиддиинҳисорӣ вазифадор карда шуданд, ки барои татбиқи босамари барномаҳои давлатӣ дар ин самт ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чораҷӯӣ намоянд.

Барои дар оянда афзоиш додани содироти маҳсулоти кишоварзӣ масъалаҳои андозбандии коркарди аввалия ва бандубасти маҳсулот, беҳтар намудани низоми баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ, интиқоли бемамониати молҳо тавассути сарҳади гумрукӣ, истифодаи тарифҳои имтиёзнок барои ҳамлу нақл, сертификатсияи маҳсулот, зарур шумурда шуд.

Таъкид гардид, ки Вазорати корҳои хориҷӣ фаъолияти худро ҷиҳати муаррифӣ кардани маҳсулоти дар Тоҷикистон истеҳсолшуда, дарёфти харидорони хориҷӣ, шарикони истеҳсоливу тиҷоратӣ ва ҳифзи манфиатҳои соҳибкорони ватанӣ дар кишварҳои муқим тақвият бахшад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷалб намудани сармояи ватаниву хориҷӣ барои рушди саноати маъдан, металлургияи сиёҳу ранга, саноати сабук, хӯрокворӣ, кимиё ва дигар соҳаҳои ба саноатикунонии кишвар мусоидаткунандаро муҳим арзёбӣ карданд.

Вазорати молия вазифадор гардид, ки дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор барои ҳалли масъалаҳои қарздории Ширкати "Барқи тоҷик", Корхонаи воҳиди давлатии "Ширкати алюминийи тоҷик", ҷамъиятҳои саҳомии "Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе", "Тоҷик Эйр", Корхонаи воҳиди давлатии "Роҳи оҳани Тоҷикистон" ва як қатор бонкҳои кишвар чораҷӯӣ намояд ва якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав мониторинги корхонаҳои азими давлатӣ ва корхонаҳои дорои ҳиссаи зиёди давлатро гузаронида, ҷиҳати таҷдиди сохтор, баланд бардоштани самаранокии фаъолият, ҷорӣ намудани идораи муосири корпоративӣ ва солимгардонии онҳо чораҳои амалиро роҳандозӣ намояд.

Вазорати кишоварзӣ вазифадор гардид, ки бо дарназардошти ҳадафу вазифаҳои "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" лоиҳаи "Барномаи маҷмӯии рушди соҳаи растанипарварӣ барои солҳои 2020-2025" таҳия ва ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Роҳбарони Вазорати кишоварзӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои пахтакор вазифадор гардиданд, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокии пахта диққати аввалиндараҷа зоҳир намоянд.

Ба Вазорати кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои рушди соҳаҳои парандапарвариву моҳипарварӣ низ супориш дода шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои то соли 2020 пурра ҳаллу фасл намудани масъалаи норасоии кадрҳои омӯзгорӣ, бартараф намудани камбудию норасоиҳо дар ин самт, мукаммал гардонидани низоми аттестатсияи кормандони илмиву омӯзгорӣ, иҷрои босифати барномаҳои давлатӣ дар самти сохтмону азнавсозии муассисаҳои таълимӣ, пешниҳоди "Барномаи нави такмили таълими забонҳои русӣ ва англисӣ барои давраи то соли 2030" ва "Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ барои солҳои 2020-2024", бо мақсади дарёфти истеъдодҳои ҷавон ва боло бурдани тафаккури техникии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ гузаронидани озмун ва мусобиқаҳои илмиву эҷодӣ масъулинро вазифадор намуданд.

Ҳамчунин, таъкид гардид, ки ҷиҳати ҳарчи бештар ҷалб намудани аҳолӣ, бахусус, ҷавонон ба заноне хонашин ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ, косибӣ ва дигар корҳои хонагӣ, аз ҷумла атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ, гаҷкориву чӯбкорӣ ва монанди инҳо фаъолияти марказҳои таълими калонсолон тақвият дода шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар роҳбарони сохторҳои дахлдорро ҳушдор намуданд, ки дар ин масъала набояд ба зоҳирпарастӣ ва пешниҳоди маълумоти бардурӯғ роҳ диҳанд.

Ҳамзамон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифадор гардид, ки стандартҳои давлатии арзёбии сатҳи касбияти мутахассисони соҳаи тандурустиро таҳия ва барои баррасӣ ба Ҳукумат пешниҳод намояд ва ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ, муошировати табибон бо беморон, сари вақт расонидани кумаки аввалияи тиббӣ, инчунин доир ба иҷрои ҳатмии тағйиру иловаҳои ба қонунгузории соҳа воридшуда тадбирҳои иловагӣ андешад.

Ба Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дастур дода шуд, ки бо мақсади пешгирӣ кардани воридоти ғайриқонунии маводи доруворӣ нақшаи чорабиниҳоро таҳия карда, назоратро дар ин самт ба таври қатъӣ ба роҳ монад.

Вобаста ба эълон гардидани солҳои 2019-2021 ҳамчун "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" Ҳукумати мамлакат, Кумитаи рушди сайёҳӣ, дигар вазорату идораҳо, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шуданд, ки ҷиҳати рушди инфрасохтори деҳот ва дар маҷмӯъ зиёд намудани ҳиссаи соҳаи сайёҳӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд ва "Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2019-2021" таҳия ва амалӣ намоянд.

Ба Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Озода Эмомалӣ супориш дода шуд, ки доир ба иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат таҳлилҳо гузаронида, нисбат ба роҳбарону шахсони масъул, ки дар иҷрои онҳо бемасъулиятӣ зоҳир менамоянд, чораҳои қатъӣ андешад.

Вобаста ба нисбатан кам будани миқдори занону духтарон дар хизмати давлатӣ дар ноҳияҳои кишвар масъулин вазифадор карда шуданд, ки ба масъалаи ҷалби ҷавондухтарон ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ, тарбияи мутахассисони муосиру ояндадор аз байни онҳо ва ҳобаҷокунии дуруcти кадрҳо диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки дар Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ ҷамъбаст карда шуда, вазифаҳо барои соли навбатӣ муайян карда шуданд.

Ҳамзамон доир ба содиршавии баъзе намудҳои ҷиноят, аз қабили қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ғоратгарӣ, қаллобӣ, муомилоти ғайриқонунӣ бо силоҳ, худсарона ишғол намудан ва ғайриқонунӣ додани қитъаҳои замин ва муомилоти ғайриқонунӣ бо маводи нашъадор, аз ҷониби ноболиғон содир намудани ҷиноятҳо, ҷиноятҳои террористиву экстремизм алоқаманд изҳори нигаронӣ карда шуд.

Таъкид гардид, ки вазъи имрӯзаи минтақа ва ҷаҳон тақозо менамояд, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ аз пештара дида бештар ҳушёр бошанд ва барои пешгирӣ намудани қонуншиканиҳо чораҳои саривақтӣ андешанд.

Кормандони мақомоти номбурда вазифадор карда шуданд, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, фаъолияти худро бо ҳисси баланди ватандӯстӣ пеш баранд. Ҳамзамон қайд гардид, ки кӯшишҳо бояд ба он равона гарданд, ки сабабу омилҳои пайдошавӣ ва ташаккули ақидаҳои террористиву экстремистӣ дар ҷомеа таҳлил карда, чораҳои пешгирикунанда андешида шаванд.

Қайд шуд, ки алоқаи намояндагиҳои мо дар хориҷи мамлакат бо муҳоҷирони меҳнатӣ тақвият дода шавад ва дар ин самт вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, корҳои хориҷӣ ва сафорату консулгариҳои мамлакат, ҳамзамон мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор гардиданд.

Бо мақсади иҷрои амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018 оид ба таҳия ва амалӣ намудани нақшаи корҳои ободонию бунёдкорӣ ба муносибати 30 — солагии Истиқлолияти давлатӣ корҳои муайян иҷро гардида, тибқи нақшаи чорабиниҳои тасдиқгардида дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо 20 ҳазору 149 иншоот ба нақша гирифта шуда, то ҳол 2 ҳазору 944 ё 14,6 фоизи онҳо сохта ба истифода дода шуданд ва корҳо дар ин самт идома доранд.

Зимни суханронӣ Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро барои босифат ва сари вақт иҷро намудани нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба ифтихори 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор карданд.

Зарур аст, ки то баргузории ин ҷашн симои ҳар як шаҳру деҳот ва маҳалли зист сифатан дигар шуда, инкишофи иқтисодиву иҷтимоӣ, беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва шароити хуби инфрасохторӣ дар ҳар як гӯшаву канори мамлакат, аз ҷумла таъминот бо оби ошомиданӣ, таъмиру таҷдиди роҳҳо, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои таълимӣ, марказҳои саломативу бунгоҳҳои тиббӣ, таваллудхонаҳо, ҳаммом ва дигар нуқтаҳои хизматрасонӣ то дурдасттарин деҳоти кишвар таъмин карда шавад.

Дар ин раванд, ба таъмиру азнавсозии муассисаҳои тандурустӣ ва бо таҷҳизоти муосир таъмин кардани онҳо, махсусан, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, инчунин, бунёду тармими муассисаҳои таълимӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нишаст барои хонандагони мактабҳои тамоми қаламрави кишвар ва бо ҳамин роҳ бартараф кардани мушкилоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва фарҳанг бояд эътибори доимӣ ва аввалиндараҷа дода шавад.

Дар баробари ин таъкид гардид, ки ҷиҳати дақиқ муайян кардан ва дастгирии ҳаматарафаи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, алалхусус, ятимону маъюбон, шахсони бепарастор ва оилаҳои камбизоат чораҳои доимӣ андешида шаванд.

Ба вазоратҳои энергетика ва захираҳои об, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ", Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода шуд, ки ҷиҳати бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин кардани аҳолии деҳот тадбирҳои мушаххас андешида, лоиҳаҳои сармоягузориро дар ин самт татбиқ намоянд.

Ба роҳбарони мақомоти марказии давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дастур дода шуд, ки барои ислоҳи саривақтии камбудиҳои дар Паёми Президент ва ҷаласаи Ҳукумат зикршуда тадбирҳои амалӣ андешида, иҷрои ҳатмии нақшаи корҳои ободониву бунёдкориро ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сари вақт ва бо сифати баланд таъмин намоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар таъкид намуданд, ки ҳар яки мо ташаббускор бошем, ба мардум хизмат намоем ва тамоми донишу таҷрибаи худро ба пешрафти давлат, ободии Ватан ва боз ҳам беҳтар гардонидани шароити зиндагии шоистаи сокинони кишвар равона созем.

**Дар охир Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон изҳор доштанд, ки дар соли 2019 давлат ва миллати тоҷик дар натиҷаи меҳнати садоқатмандонаи мардум ва якдилию ҳамбастагии ҷомеа ба рушду пешрафти боз ҳам бештару хубтари иқтисодию иҷтимоӣ ноил мегарданд.**

# Рушди соҳибкорӣ - самти муҳими сиёсати иқтисодии давлат

## Ҳисобот дар бораи натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019

(Аввалаш дар саҳ.1)

Барои тақвият бахшидан ба ин раванд, Пешвои миллат зарур шумориданд, ки солҳои 2019-2020 тамоми санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ манъ карда, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ” ба ҳамаи мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллӣ ва мақомоти андозу гумрук татбиқ карда шавад.

Ҳамчунин, бо мақсади таъмин намудани риояи дақиқи муқаррароти қонунгузорӣ дар самти мораторий аз ҷониби Сардори давлат ба Прокуратураи генералӣ супориш дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ нисбат ба масъулони мақомоти давлатие, ки ба фаъолияти соҳибкорон беасос дахолат карда, садди роҳи рушди соҳибкорӣ мешаванд, чораҳои зарурӣ андешад.

Бинобар ин, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ мо бояд тибқи дастуру роҳнамоиҳои Пешвои миллат бахши хусусӣ, соҳибкории хурду миёна, бахусус, соҳибкорони истеҳсолиро ҳамаҷониба дастгирӣ карда, ҷиҳати ҷалби сармоя дар ин самт тадбирҳои иловагиро амалӣ гардонем, ҳангоми адои вазифаҳои хизматӣ ва хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон қонунгузории ҷорӣ ва одоби муоширатро қатъан риоя намоем.

Инчунин, аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд, ки бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар кишварамон “300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ” амалӣ карда шавад.

Бинобар ин, моро зарур аст, ки ба самтҳои фаъолияти соҳа оид ба бештар ва сифатноктар намудани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ ба хизматрасонӣ ба субъектҳои хоҷагидор боз ҳам тақвият бахшем ва иҷрои пурраи супоришҳои Сардори давлатро дар доираи ваколатҳои худ таъмин намоем.

Дар асоси таъмин гардидани рушди истеҳсолот, мавриди истифода қарор гирифтани корхонаҳои нав доир ба истеҳсоли мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, зиёд шудани ҷойҳои нави корӣ, беҳтар намудани маъмурикунонии андоз ва сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон, ба низом даровардан ва пурзӯр намудани корҳои назоратӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои компютерии Системаи иттилоотии андоз, дастрас намудани маълумот аз дигар мақомоти давлатӣ, дар асоси дастуру роҳнамоиҳои Пешвои миллат дуруст ба роҳ мондани сиёсати андозию буҷетӣ дар соли 2018 мақомоти андоз нақшаи тасдиқшудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро, ки ҷамъоварии онҳо ба зиммаи мақомоти андозу гузошта шудааст, ба андозаи 100,9% таъмин намуда, ба ҷойи 10 млрд. 425,6 млн. сомонии пешбинишуда ба буҷети давлатӣ 10 млрд. 523,3 млн. сомонӣ ворид карданд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 97,7 млн. сомонӣ ва нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли 2017 ба буҷет воридшуда 960,0 млн. сомонӣ ё худ 10,0% зиёд мебошад.

Дар баробари ин, дар давраи ҳисоботӣ бо дарназардошти дар як қатор шаҳру ноҳияҳо барзиёд таъмин гардидани нақшаи тасдиқшудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва дар ин замина аз тарафи 14 шаҳру ноҳия дар ҳаҷми 46,9 млн. сомонӣ қабул шудани буҷетҳои иловагӣ, нақшаи аниқшудаи қисми даромади буҷети давлатӣ ба андозаи 100,6% таъмин гардида, ба ҷойи 10 млрд. 460,7 млн. сомонӣ ба буҷети давлатӣ 10 млрд. 523,3 млн. сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 62,6 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Иҷрои нақшаи воридоти андозҳо ва пардохтҳо дар соли 2018 дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба андозаи 110,5%, вилояти Хатлон – 100,6%, вилояти Суғд – 104,3% ва шаҳри Душанбе – 100,4% таъмин шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ мақомоти худудии андоз дар 6 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ аз уҳдаи таъмини иҷрои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ набаромаданд. Аз ҷумла, шаҳру ноҳияҳои Панҷ нақшаро 93,5%, Ёвон – 91,8%, Восеъ – 98,5%, Фархор – 94,4%, Ховалинг – 94,2% ва Ваҳдат – 80,1% иҷро карданд.

Сабабҳои асосии дар шаҳру ноҳияҳои номбаршуда таъмин нагардидани иҷрои нақшаи пешбинишудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, пеш аз ҳама, ба дараҷаи кофӣ рушд наёфтани иқтисодиёт дар ин шаҳру ноҳияҳо ва дуруст фаъолият накардани корхонаҳои калон, дар баробари ин, дуруст таҳия нашудани нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ, пурра ба инобат нагирифтани омилҳои ба он таъсиррасонанда, инчунин, зоҳир шудани бемасъулиятӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андоз вобаста мебошад.

Аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои номбурда таъмин нагардидани нишондиҳандаҳои пешбинишуда мутаносибан ба таъмини сифатноки иҷрои нақша таъсири манфӣ расонд ва дар ин давра нақшаи андози даромад аз шахсони воқеӣ – 98,2% ва андоз аз арзиши иловашуда – 91,5% таъмин гашт, ки аз ин ҳисоб ба буҷет мутаносибан 32,0 млн. сомонӣ ва 406,0 млн. сомонӣ ворид нагардид.

Инчунин, дар ин давра 15 шаҳру ноҳия нақшаи андози иҷтимой аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетиро таъмин накарданд: Ванҷ – 92,0%, Шуғнон – 98,0%, Кушониён – 96,0%, Хуросон – 92,0%, Дӯстӣ – 95,4%, Панҷ – 73,5%, Ёвон – 71,7%, Восеъ – 92,4%, Фархор – 86,7%, Ховалинг – 73,0%, Рашт – 96,7%, Ҳисор – 97,0%, Лахш – 98,0%, Нуробод – 94,5% ва Файзобод – 94,0%.

### Дар бораи бақияи қарзи андоз ва чораҳо барои рӯёнидани онҳо

Бақияи қарзи андозҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 январи соли 2019 маблағи умумии 712,0 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба 1 январи соли 2018 ба андозаи 59,2 млн. сомонӣ кам шудааст. Аз он ҷумла, кам гардидани бақияи қарзи андозҳо нисбат ба аввали сол дар вилоятҳои Суғд - 20,0 млн. сомонӣ, Хатлон, 12,4 млн. сомонӣ, шаҳри Душанбе 4,0 млн. сомонӣ ва Нозироти андозсупорандагони калон 14,0 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ бақияи қарзи андозҳо дар 54 шаҳру ноҳия дар ҳаҷмҳои гуногун кам гардида бошад ҳам, мутаассифона, дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Сино 240,0 ҳазор сомонӣ, Хуросон 746,0 ҳазор сомонӣ, Ёвон 2,4 млн. сомонӣ, Хоруғ 800,0 ҳазор сомонӣ, Ванҷ 212,0 ҳазор сомонӣ, Шуғнон 215,0 ҳазор сомонӣ ва Роштқалъа 130,0 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст.

Шумораи андозсупорандагони қарздор тибқи маълумоти пешакӣ ба ҳолати 1 январи соли 2019, дар маҷмӯъ, зиёда аз 39 ҳазор ададро ташкил менамояд, яъне аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ 9600 адад ва соҳибкорони инфиродӣ зиёда аз 29 ҳазор ададро ташкил дода, нисбат ба аввали сол 9300 адад кам гардидааст. Гарчанде шумораи андозсупорандагони қарздор, дар маҷмӯъ, нисбат ба аввали сол кам шуда бошад ҳам, вале дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом 746 адад, Турсунзода 373 адад, Ашт 50 адад, Исфара 14 адад, Шаҳритус 129 адад, Ёвон 124 адад, Балҷувон 30 адад, Леваканд 10 адад ва Тоҷикобод 17 адад адад зиёд гардидааст.

Дар соли 2018 аз тарафи мақомоти андоз нисбати 5018 андозсупорандаи қарздор, дар маҷмӯъ, 6650 адад қарор дар бораи маҷбуран ситонидани андозҳо ба маблағи умумии зиёда аз 1 млрд. сомонӣ қабул карда шудааст. Аз ҷумла, 2850 адад қарор дар бораи ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби маблағҳои суратҳисоби андозсупоранда ва дебиторони вай ба маблағи 921,7 млн. сомонӣ, 113 адад қарор дар бораи ситонидани қарзи андозҳо бо роҳи ҳабси молу мулк ва маҳсулоти тайёр ба маблағи 24,0 млн. сомонӣ ва 3687 адад қарор дар бораи ситонидани маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби пули нақди андозсупоранда ба маблағи 72,2 млн. сомонӣ қабул гардидаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҳисоби қарорҳои мазкур ба буҷети давлатӣ 854,4 млн. сомонӣ ва аз ҳисоби қарорҳои дар соли 2017 қабулгардида, ки иҷрои онҳо дар соли 2018 идома дошт, 89,9 млн. сомонӣ ворид шудааст, ки дар натиҷа маблағи умумии ба буҷет воридшуда 944,3 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017 ба андозаи 119,7 млн. сомонӣ, ё худ 12,7 фоиз зиёд мебошад. Шумораи қарорҳои қабулгардида нисбат ба соли 2017 ба андозаи 1740 адад ё худ 27,0 фоиз зиёд аст.

Масъалаи ташвишовари дигар, ин бақияи қарзи андози иҷтимой ба ҳисоб меравад, ки нисбат ба 1 январи соли 2018 ба андозаи 4.2 млн. сомонӣ кам шуда бошад ҳам, дар маҷмӯъ, ҳоло ҳам зиёд буда, ба санаи 1 январи соли ҷорӣ 150.9 млн. сомониро ташкил менамояд.

Қобили қайд аст, ки аксари нозиротҳое, ки ба зиёдшавии қарзи андози иҷтимой роҳ додаанд, муқаррароти моддаҳои 620 (Дар муҳлати муқарраршуда пешниҳод накардани ҳисоботи андози иҷтимой ва сари вақт напардохтани андози иҷтимой) ва 623 (Беасос рад ё саркашӣ кардан аз пардохти андози иҷтимой) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмуриро самаранок татбиқ накардаанд. Ҳол он ки татбиқи самараноки моддаҳои мазкури Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ метавонист ба раванди кам намудани бақияи қарзи андози иҷтимой таъсири мусбӣ расонад.

Тибқи таҳлилҳо дар соли 2018 татбиқи моддаҳои 620-623 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон назар ба соли 2017 дар нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе 138 адад, вилоятҳои Суғд 80 адад, Хатлон 267 адад ва ноҳияҳои тобеи марказ 26 адад кам ба қайд гирифта шудааст.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз уҳдадоранд, ки ба масъалаи кам кардани қарзи андози иҷтимой, аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намуда, нисбати андозсупорандагоне, ки дар назди буҷети давлат аз ҳисоби ин намуди андоз қарздор мебошанд, ваколатҳои муқаррарнамудаи қонунгузориро самаранок истифода карда, аз ҷумла, тибқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ намоянд.

### Оид ба масъалаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродӣ

Тибқи маълумот ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ (бе дарназардошти хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ) зиёда аз 33500 нафар соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шуда, аз ин ҳисоб ба буҷет 340,7 млн. сомонӣ андозҳо ворид гардидааст, ки нисбат ба соли 2017 ба андози 61,3 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар баробари ин, натиҷаи фаъолияти гурӯҳҳои корӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар аксари мақомоти ҳудудии андоз ҳоло ҳам ҳолатҳои ба таври сифрӣ ё пурра пешниҳод нашудани ҳисоботи андозӣ ва ба бе гузаронидани назорати камералӣ қабул намудани эъломияҳои андоз ҷой доранд.

Масъалаи дигар, ин гузариши соҳибкорон аз як низом ба низоми дигари андозбандӣ ба ҳисоб меравад. Яъне тибқи талаботи Кодекси андоз дар сурати аз 1 млн. сомонӣ зиёд гардидани даромади умумии соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда, чунин соҳибкори инфиродӣ уҳдадор аст тибқи тартиби муқарраршуда фаъолияти минбаъдаи худро дар шакли шахси ҳуқуқӣ идома диҳад.

Вобаста ба ҳолати бамиёномада бояд қайд намуд, ки гарчанде дар қонунгузорӣ тартиби гузариши андозсупорандагон аз патент ба шаҳодатнома, аз шаҳодатнома ба шахси ҳуқуқӣ ва ё гузариши баръакс возеҳу равшан муқаррар гардидааст, вале андозсупорандагон аз сабукиҳои қонунгузорӣ суиистифода намуда, бо мақсади иваз накардани шакли ташкилию ҳуқуқии худ баъди аз меъёрҳои муқарраршуда зиёд гардидани даромади умумӣ ба мақомоти андоз маълумоти нопурра пешниҳод ва бо ин роҳ аз пардохти маблағи андозҳо канораҷӯӣ намуда истодаанд, ки дар натиҷа, ҳолати мазкур ба дуруст татбиқ нагардидани муқаррароти қонунгузорӣ ба дар маҷмӯъ, ба самаранокии воридоти маблағи андозҳо таъсири манфӣ расонида истодааст.

Раванди корҳои таҳлилию назоратӣ нишон медиҳад, ки аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз талаботи Кодекси андоз ва муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 дар сатҳи дахлдор таъмин нагардида, соҳибкорон бо гирифтани патент ба воридот ва хариду фурӯши яклухти молҳо ва бо андозсупорандагони дар низоми умумии андозбандӣ фаъолияткунанда амалиётҳои аз 100 ҳазор сомонӣ, яъне аз ҳадди барои соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда муқаррарнамудаи қонунгузорӣ зиёд анҷом медиҳад, аммо на ҳамаи онҳо тибқи тартиби муқарраршуда шакли ташкилию ҳуқуқии худро иваз намуда ба фаъолияти соҳибкорӣ бо шаҳодатнома гузаштаанд.

Тибқи таҳлилҳо дар соли 2018 ҳамагӣ 359 нафар, аз ҷумла дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 10 нафар, вилояти Хатлон 103 нафар, вилояти Суғд 111 нафар, шаҳри Душанбе 99 нафар ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 46 адад соҳибкор фаъолияташонро аз рӯи патент қатъ намуда, ба фаъолият аз рӯи шаҳодатномаи соҳибкорӣ гузаштаанд, ки дар маҷмӯъ, 0,3 фоизи шумораи умумии соҳибкорони инфиродии дар миқёси ҷумҳурӣ бо патент фаъолияткунандаро ташкил медиҳад.

Масъалаи дигари ташвишовар, ин гузариши соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ба шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Баррасии ҳолати иҷрои муқаррароти қонунгузорӣ дар ин самти фаъолият нишон медиҳад, ки рафти гузариши соҳибкорон ба шахси ҳуқуқӣ дар сатҳи паст қарор дошта, ин раванд аз тарафи бисёр андозсупорандагон риоя намешавад, зиёда аз ин, аз тарафи баъзе аз мақомоти ҳудудии андоз барои то ҳадди муқарраршуда афзоиш наёфтани даромади андозбандишавандаи андозсупорандагон мусоидат намуда, дар ҳамон нуқтаи фаъолият ба якчанд соҳибкорон ҳуҷҷатҳои соҳибкории алоҳида дода мешавад, ки ҳолати мазкур, албатта, нигаронкунанда мебошад.

(Давомаш дар саҳ.6)

# Рушди соҳибкорӣ - самти муҳими сиёсати иқтисодии давлат

## Ҳисобот дар бораи натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019

(Аввалаш дар саҳ.1,5)

Тибқи маълумот дар соли 2018 дар миқёси ҷумҳурӣ аз 33584 нафар шумораи умумии соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолияткунанда ҳамагӣ 35 нафар бо сабаби аз ҳадди муқарраршуда зиёд гардидани даромади умумиашон ба фаъолият дар шакли шахси ҳуқуқӣ гузаштаанд, аз ҷумла, дар ВМКБ 1 нафар, вилояти Суғд 10 нафар, вилояти Хатлон 12 адад, шаҳри Душанбе 8 нафар ва дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 7 адад.

Натиҷаи баррасии масъала шаҳодат медиҳад, ки сабабҳои асосии нагузаштани соҳибкорон ба фаъолият дар шакли шахси ҳуқуқӣ ин ба миён омадани масъулиятҳои иловагӣ оид ба ҳисоботдиҳанда будан ба мақомоти омор, агентии ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар мақомоти салоҳиятноки давлатӣ ва минбаъд нагузаштан ба низоми умумии андозбандӣ ва мутаносибан супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ва дигар андозҳои дахлдор нашудан ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин, соҳибкорон бо мақсади аз назорат дур намудани фаъолияташон, дар бисёр ҳолатҳо муомилоти худро дар шакли нақдӣ ба роҳ монда, дар ҳолати зиёд гардидани ҳаҷми даромад фаъолияти соҳибкории худро дар ҳамон як нуқтаи савдо ва хизматрасоние, ки қаблан дар он фаъолияти соҳибкориро анҷом медоданд, қатъ намуда, ба номи наздикони худ ва дигар шахсон шаҳодатномаҳои нави соҳибкориро ба расмият даровварда, дар амал фаъолияти соҳибкории худро идома медиҳанд.

Аз тарафи дигар, тавре натиҷаи корҳои назоратӣ ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ҳоло ҳам ҳолатҳои аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ бе қайд истифода кардани коргарони кироя, ба таври сифрӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ аз ҷониби корфармоён ба назар мерасад. Ташвишовар он аст, ки пас аз пешниҳоди электронии эъломияҳои андоз аз ҷониби андозсупорандагон, нозирони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродӣ беэътиноӣ зоҳир намуда, ба асоснокии маълумотҳои эъломияҳои андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ оид ба шумораи кормандон ва фонди музди меҳнати онҳо диққати чандон ҷиддӣ намедиҳанд.

Ҳол он ки дар рафти гузаронидани корҳои назоратӣ дар соли 2018 аз ҷониби мақомоти андоз дар фаъолияти андозсупорандагон дар 2800 ҳолат пурра нишон надодани шумораи коргарони кироя дар ҳисоботи андозӣ ошкор гардида, дар рафти назорат коргарони кироя бо шартномаҳои меҳнатӣ таъмин ва ҳамзамон барои давраҳои бе қарордодҳои меҳнатӣ фаъолият намудани онҳо, дар маҷмӯъ, дар ҳаҷми 958,0 ҳазор сомонӣ маблағи андозҳо ба таври иловагӣ ҳисоб гардида, пардохти он ба буҷет таъмин шудааст.

Мутобиқи маълумот ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар мақомоти ҳудудии андоз 23900 адад коргарони кироя соҳибкорони инфиродӣ ба қайд гирифта шудааст ва аз ин ҳисоб ба маблағи 86,0 млн. сомонӣ андозҳо ба буҷет ворид гардида, маблағи миёнаи музди меҳнати коргарони кироя соҳибкорони инфиродӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 262,0 сомонӣ, вилояти Хатлон 507,0 сомонӣ, вилояти Суғд 604,0 сомонӣ, шаҳри Душанбе 1122,0 сомонӣ ва дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 892,0 сомониро ташкил менамояд ва нишондиҳандаи мазкур дар баъзе шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз ин ҳам пасттар мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, ба мақомоти ҳудудии андоз таъкид карда мешавад, ки нишондиҳандаҳои камшавии шумора, маблағи воридоти андоз ва фонди музди меҳнати коргарони кироя соҳибкорони инфиродиро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, ҳангоми қабули ҳисобот ба нишондиҳандаҳои мазкур диққати ҷиддӣ диҳанд ва бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар муқоиса бо маълумоти дастрасгардида дар фаъолияти андозсупорандагон пайваста корҳои таҳлилию назоратӣ анҷом диҳанд.

### Оид ба корҳои назоратии мақомоти андоз

Дар соли 2018 тибқи нақшаи тасдиқшуда ва дархостҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нисбати фаъолияти 1907 шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ санҷиши риояи қонунгузории андоз гузаронида шудааст, ки дар натиҷа, ба маблағи 722,3 млн. сомонӣ кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор гардида, аз он зиёда аз 580,8 млн. сомониаш ба буҷет дохил шудааст. Инчунин, аз ҳисоби маблағҳои қаблан дар солҳои 2013-2017 барилова ошкоршуда, ки рӯёнида нашуда буданд, дар ин давра ба буҷет 115,2 млн. сомонӣ ворид шуд, ки дар натиҷа, маблағҳои то санаи 1 январи соли 2019 аз ҳисоби корҳои назоратӣ, дар маҷмӯъ, ба буҷет воридшуда 706,5 млн. сомониро ташкил дод.

Дар давраи ҳисоботӣ нисбати андозсупорандагоне, ки ба қонунвайронкунӣ ва пинҳонкунии андозҳо ба маблағҳои калон роҳ додаанд ва ҳамчунин аз ҳисоби санҷишҳои якҷоя гузаронидашуда барои чораҷӯии минбаъда ба қабул намудани қарорҳои дахлдор ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дар маҷмӯъ, 291 маводи санҷишӣ ба маблағи 409,0 млн. сомонӣ ирсол карда шудааст.

Мутаассифона, ҳоло ҳам ҳолатҳои риоя нагардидани шакли намунавии санади санҷишӣ, тибқи тартиби муқарраршуда бо такя ба моддаҳои дахлдори Кодекси андоз асоснок накардани қонунвайронкуниҳои андози ошкоршуда ҷой доранд, ки дар натиҷа бо андозсупорандагон баҳсҳои андозӣ ба миён меоянд.

Бинобар ин, Раёсати санҷиши андозҳо, раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, Нозироти андозсупорандагони калон ва Нозироти андозсупорандагони миёна вазифадор карда мешаванд, ки ба сатҳ ва сифати санҷишҳо диққат дода, ҳангоми қабули санадҳои санҷишӣ, аз кормандон риояи шакли намунавии санади санҷишӣ ва талабот оид ба тартиб додани санадҳои санҷиши маҷмӯии ҳуҷҷатии андозро ҳатман талаб намоянд.

Дар соли 2018 аз тарафи мақомоти андоз фаъолияти 28662 андозсупоранда тахти санҷиши амалиётӣ қарор дода шудааст, ки дар натиҷа 4803 ҳолати бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ, 3796 ҳолати дар ҳисобот нишон надодани коргарони кироя, 296 ҳолат бе истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ фаъолият доштани андозсупорандагон ва 971 ҳолати бе қайди мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои ғайриманқул ошкор гардида, дар рафти санҷиш камбудиҳои ошкоргардида бартараф карда шудааст.

Ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ нисбати андозсупорандагони тахти санҷиш қарордодашуда 69,4 млн. сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб ва воридоти 63,7 млн. сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст. Инчунин, дар рафти санҷишҳои амалиётӣ 5938 шахси воқеӣ бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ таъмин шуда, дар фаъолияти 1617 андозсупоранда мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалии бо таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ муҷаҳҳаз насб шудааст.

### Оид ба корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳии мақомоти андоз

Солҳои охир мақомоти андоз кӯшиш намуда истодаанд, ки бо мақсади сарфа намудани вақти андозсупорандагон бештар аз технологияи иттилоотӣ ва барномаҳои компютерӣ истифода намуда, тамоми хизматрасониҳои худро дар шакли электронӣ бидуни ташриф овардани андозсупоранда ба мақомоти андоз ба роҳ монда, корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро зиёд намоянд.

Дар соли 2018 тибқи нақшаи чорабиниҳои Кумитаи андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон зиёда аз 2981 семинар – машварат ва вохӯриҳо баргузор шудаст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 671 адад, ё худ 29,0 фоиз зиёд мебошад. Инчунин, аз ҷониби мақомоти андоз дар соли 2018 ба воситаи шабакаҳои гуногуни телевизионии давлатӣ, марказҳои иттилоотӣ, сомонаҳои интернетӣ ва радиоҳои гуногун, рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ, дар маҷмӯъ 1383 барнома, эълон ва мақолаҳои фаҳмондадиҳӣ ба тасвиб расонида шудааст, ки нисбати соли гузашта 781 адад, ё худ 56,5 фоиз зиёд мебошад. Аз ҷумла, тавассути барномаҳои телевизионӣ 834 адад, радио 202 адад барнома ва ба воситаи рӯзномаю маҷалла 347 адад мақолаҳо ба тасвиб расонида шудааст.

Гарчанде ки дар соли 2018 шумораи семинар - машваратҳо нисбати ҳамин давраи соли гузашта, дар маҷмӯъ, 671 адад зиёд гардида бошад ҳам, новобаста аз ин, дар 25 мақомоти ҳудудии андоз тамоюли пастшавии ин самти фаъолият ба назар мерасад: аз ҷумла, дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Балҷувон 11 адад, Ҷайҳун 11 адад, Қубодиён 8 адад, Муъминобод 7 адад, Восеъ 7 адад, Роғун 6 адад, Панҷакент 6 адад, Вахш 5 адад, Ҷалолиддини Балхӣ 4 адад, Турсунзода 4 адад, Файзобод 3 адад, Шаҳритус 3 адад, Дӯстӣ 3 адад, Нозироти андозсупорандагони калон 7 адад.

Нишондиҳандаи мазкур бархилофи талаботи мактубҳои дастурии Кумитаи андоз мебошад, ки мутобиқи моҳияти дастури онҳо мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардида буданд, ки минбаъд бо шаҳрвандон ва соҳибкорон дар як моҳ на камтар аз се маротиба корҳои фаҳмондадиҳӣ, семинар-машваратҳо, вохӯриҳо ва мусоҳибаҳо доир намоянд. Мутаассифона, иҷрои талаботи дастурҳои зикршуда сарфи назар гардида, аз ҷониби 42 мақомоти ҳудудии андоз пурра иҷро нашудааст ва ба ҳисоби миёна дар як моҳ шумораи корҳои фаҳмондадиҳии анҷомдодаи нозиротҳо аз 1 адад то 2 ададро ташкил додааст.

Аз ин лиҳоз, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки фаъолияти худро дар ин самт ҷоннок намуда, барои иҷрои мактубҳои дастурӣ ва ба ин васила, баланд бардоштани савияи дониши андозсупорандагон ва фарҳанги андозсупории онҳо, чораҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

Масъалаи баланд бардоштани сатҳ ва пайваста беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон яке аз масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Бо мақсадҳои зикршуда сомона ва почтаи электронии Кумитаи андоз, инчунин Бахши иттилоотии Кумитаи андоз (Контакт-сентр) бо истифодаи рақами содакардашудаи телефонии "151, 152" ба роҳ монда шуда, дар 12 моҳи соли 2018 ба Бахши иттилоотӣ зиёда аз 33430 муроҷиати телефонӣ ва электронӣ оид ба масъалаҳои хизматрасонӣ ва андозбандӣ ворид гардидааст, ки нисбати хамин давраи соли 2017-ум 15000 адад зиёд аст ва 2035 ададӣ ин муроҷиатҳо ба шахсоне, ки усули "Чат"-ро истифода намудаанд, рост меояд.

Ҳамзамон, бо мақсади тарғиби бештари моҳият, зарурат ва пардохти андозҳо ба буҷети давлатӣ, дар соли 2018 зиёда аз 140 адад овезаҳо (банерҳои рекламавӣ) омода гардида, дар шоҳроҳҳо ва хиёбонҳои 42 шаҳру ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ, шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон ва ВМКБ ҷойгир карда шуда, корҳо дар ин самт идома доранд.

Қобили қайд аст, ки муроҷиатҳои телефонӣ ва электронии шаҳрвандону андозсупорандагон мавриди таҳлил қарор гирифта, бештари онҳо аз мундариҷаи саволҳои зерин иборат мебошанд:

- вобаста ба тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани маблағи андозҳо (аз ҷумла, низоми содакардашудаи андозбандӣ, маблағи патент, бақияи қарз, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз молу мулки ғайриманқул, андоз аз захираҳои табиӣ, андоз аз даромад ва ғайра) – 9088 (24,7%);
- оид ба тартиби бо таври электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз – 5777 (17,3%);
- тартиби дуруст истифодабарии "Анбори электронӣ" ва пешниҳоди ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз – 2506 (7,5%);
- оид ба фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ – 1427 (4,3%);
- тартиби дуруст истифодабарии мошини назоратӣ-хазинавӣ – 1025 (3,1%);
- авторизатсияи мобилӣ – 1035 (2,3%) ва ғайраҳо.

Бояд тазаккур дод, ки дар соли 2018 тавассути рақами телефонии "151" – 115 адад, почтаи электронии (сомонаи) Кумитаи андоз 6 адад ва ҳангоми қабули бевоситаи шаҳрвандон дар утоқи қабули шаҳрвандони Кумитаи андоз 3 адад шикоят ворид гардидаанд, ки дар маҷмӯъ 124 адад шикоятро ташкил медиҳанд.

Аз шикоятҳои воридгардида, ба нозиротҳои андози ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 16 (12,9%) адад, шаҳри Душанбе 40 (32,3%) адад, Хатлон 35 (28,2%) адад, Суғд 32 (25,8%) адад ва ВМКБ як адад шикоят рост меояд.

Дар натиҷаи баррасии шикоятҳо муайян шуд, ки дар соли 2018 миқдори шикоятҳо нисбати кормандони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Исфара 9 адад, Фирдавсӣ 6 адад, Ҳамадонӣ 2 адад, Муъминобод 2 адад, Бохтар 2 адад, Панҷ 2 адад, Лахш 2 адад, Кӯлоб, Ёвон, Ҷалолиддини Балхӣ, Хуросон, Бӯстон, Конибодом, Б.Ғафуров ва Варзоб якададӣ зиёд гардидааст.

Новобаста аз таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андоз ва супоришҳои протоколӣ оид ба ҳушдор намудани мақомоти ҳудудии андоз дар бобати риояи талаботи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ, Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳангоми хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, инчунин хушмуомила будан дар муносибат бо андозсупорандагон, мутаассифона, муроҷиатҳои пай дар пайи андозсупорандагон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар баъзе мавридҳо кормандони мақомоти ҳудудии андоз дар муносибат бо андозсупорандагон талаботи муқарраршударо риоя ва иҷро намекунанд.

**Дар ҷаласаи васеи Мушовараи Кумитаи андоз ба ғайр аз масъалаҳои номбаршуда инчунин масъалаҳои маъмурикунонии андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда ва масъалаҳои маъмурикунонии он, андозбандии молу мулки ғайриманқул баррасӣ гардид. Оид ба ҳамаи масъалаҳои баррасишуда ҷаласаи Мушовара қарорҳои дахлдор қабул намуд.**

# Тадбирҳо баҳри коҳиш додани қарз

**Тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 1555 с\х бо мақсади расонидани кӯмаки амалӣ дар таъмини иҷрои нақшаи қисми даромади буҷет, кам намудани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор, татбиқи чораҳои рӯёнидани қарзи андозҳо, инчунин, мавриди санҷиш қарор додани ҳолати иҷрои қарорҳо Гурӯҳи кории мақомоти андоз ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдасӣ сафарбар шуд.**



Тибқи маълумот ба санаи 1 октябри соли 2018 бақияи қарзи андозҳои ноҳияи Фирдавсӣ ба 4977,6 ҳазор сомонӣ расида, нисбат ба аввали соли 2018-ум 69,5 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки аз маблағи умумии қарзи андозҳо 1978,9 ҳазор сомонӣ ё худ 39,7 фоизро ҷаримаҳои иловагӣ ҳисобшуда ва 688 ҳазор сомонӣ ё худ 13,8 фоизро маблағҳои дар натиҷаи корҳои назоратӣ (санҷиши ҳуҷҷатии маҷмӯии андоз) бавуҷудомада ташкил медиҳанд.

Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти худ нисбати 250 андозсупорандаи қарздор бо андешидани тадбирҳои муфид, аз қабили гирифтани баёнот, ухдадориҳо, қабули қарорҳои рӯёнидани қарзи андозҳо ба буҷети ноҳия аз ҳисоби бақияпулиҳои андоз 1330,2 ҳазор сомонӣ ворид кард. Инчунин, ин гурӯҳ маълум кард, ки ҶДММ «Ҷузъи Зимистон» тибқи маълумоти барномаи компютерии СИА «Баҳисобгирии андозҳо» ба санаи 01.10.2018 дар назди буҷет маблағи 116,6 ҳазор сомонӣ қарздор аст. Маблағи қарзи ҷамъияти мазкур баъди сипарӣ шудани як моҳ аз санаи нишондода ба 118,5 ҳазор сомонӣ расид. Гурӯҳи корӣ нисбати ҷамъият чораҳои зарурӣ андешида, маблағи бақияи қарзро рӯёнида, пурра ба буҷет пардохт кард.

Маблағи қарзи ҶДММ «Нексоз» низ рӯ ба афзоиш дошт. Ба санаи 01.10.2018 он 43,3 ҳазор сомониро ташкил намуд. Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти худ нисбати ҷамъият чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳоро ба кор бурда, аз ҳисоби маблағҳои суратҳисоби бонкӣ иҷрои онро ба фоидаи буҷет дар ин давра таъмин кард. Инчунин, аз ҳисоби КИТВД «Душанбе Агросервис»-и шаҳри Душанбе ба маблағи 460,1 ҳазор сомонӣ, Намояндагии ҶДММ «БТФ» 65 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Чойхонаи Самарқанд» 36,8 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Нексоз» 31,6 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Тритон» 25,6 ҳазор сомонӣ, Намояндагии ҶДММ «Азия тобакко Трейдинг» 25 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Ваҳдат 2017» 23 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Равшан ТҶ» 16,3 ҳазор сомонӣ рӯёнида вориди буҷет гарданд.

Чуноне Гурӯҳи корӣ муайян ва ошкор кард, бақияи қарзи андозҳои Ташкилоти ҷамъиятии байналмилалии хайриявии «Олами китоб» аз соли 2016 ин замон дар ҳоли афзоиш будааст. Қарзи мазкур танҳо аз як намуди андоз (андозе, ки тибқи низоми содакардашуда пардохт мешавад) ба вуҷуд омадааст. Ба санаи 01.09.2018 маблағи қарзи ҷамъият 52,5 ҳазор сомониро ташкил намудааст. Сабаби пардохт накардани маблағи мазкурро роҳбари ташкилот чунин маънидод мекунад: «Бино бар хайриявӣ будани ташкилот мо зарур надонистем, ки маблағи мазкурро пардохт кунем. Аз ин рӯ, миқдори ин маблағ ба ин ҳад расидааст». Дар натиҷаи азназаргузаронии маҳалли фаъолияти ташкилот маълум гардид, ки воқеан он ба фаъолияти соҳибкорӣ: хариду фурӯши маводи конселярӣ, аз ҷумла, китобу асбобҳои хониш машғул буда, масоҳати тахминии нуқтаи фурӯш 200-250 метри мураббаъро ташкил менамояд. Ҳамзамон, муайян шуд, ки роҳбари ТҶБХ «Олами китоб» пайваста аз суратҳисоби бонкии худ, бо пешниҳод намудани дархостҳои беасос, яъне барои пардохт намудани маблағи музди меҳнати коргарон дар давраи аз 30.03.2018 то 16.11.2018 маблағи зиёдро гирифта, ба мақсадҳои номаълум истифода кардааст. Ҳол он ки мутобиқи эъломияи андоз ташкилот барои 4 нафар маблағи 4750 сомонӣ пешниҳод кардааст халос. Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияташ ба Бонк нусхаи эъломияҳои андоз аз суратҳисоби бонкии ташкилотро пешниҳод намуда, пардохти маблағи 29,3 ҳазор сомониро ба буҷет таъмин кард.

Тибқи маълумоти Кумитаи андоз шумораи андозсупорандагони қарздор дар ноҳияи Фирдавсӣ ба санаи 1 ноябри соли 2018 ба 791 адад мерасад. Аз ин 218 ададро шахсони ҳуқуқӣ ва 573 ададро соҳибкорони инфиродӣ ташкил медиҳанд, ки нисбат ба аввали соли 2018-ум 49 адад шахси ҳуқуқӣ кам, 198 адад соҳибкори инфиродӣ зиёд гардидааст. Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияташ бақияи қарзи 278 андозсупорандаи қарздорро, ки 215,1 ҳазор сомониро ташкил медод, рӯёнида, вориди буҷет сохт.

Аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади кам намудани бақияпулиҳои андоз ва андешидани чораҳои пешгиишудаи қонунгузории андоз дар самти рӯёнидани маблағи қарзи андозҳо тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардидааст, ки яке аз онҳо қарор оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо мебошад. Мутобиқи маълумоти нозироти андоз дар 11 моҳи соли 2018 нисбати 245 андозсупорандаи қарздор дар бораи маҷбуран ситониданни андозҳо ба маблағи умумии 3942,1 ҳазор сомонӣ 293 қарор қабул шудааст. Аз ин ҳисоб ба буҷет 2709,9 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки 68,7 фоизи маблағи умумии қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, аз ҳисоби 23 қарори иҷронагардидаи соли 2017, ки нисбати 12 андозсупоранда ба маблағи 1511,4 ҳазор сомонӣ қабул гардида буд, 420,7 ҳазор сомонии он дар соли 2017 ва 553,8 ҳазор сомонии дигар дар 11 моҳи соли 2018 рӯёнида шуд. Дар маҷмӯъ, дар 11 моҳи соли 2018 ҳам аз ҳисоби қарорҳои иҷронагардидаи соли 2017 ва ҳам қарорҳои соли 2018 ба буҷет 3263,7 ҳазор сомонӣ ворид гардид, ки иҷрои 198 қарори маҷбуран рӯёнидани қарзи андозҳорро ташкил медиҳад.

Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияташ нисбати 42 андозсупорандаи қарздор тибқи тартиби муқарраршудаи Дастури методӣ "Дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо" маводи зарурӣро барои қабули қарори мазкур ба Кумитаи андоз ирсол намуд. Дар натиҷа, нисбати онҳо ба маблағи 527,4 ҳазор сомонӣ 59 қарор қабул гардид, ки мавриди иҷро қарор гирифт. Инчунин, аз ҳисоби қарорҳои дар давраи фаъолияти Гурӯҳи корӣ қабулшуда 450,5 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби қарорҳои қабулгардидаи солҳои 2017-2018-ум 273,2 ҳазор сомонӣ, ҷамъ 723,7 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст.

Яке аз чораҳои таъсиррасон ва ибтидоии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, ирсоли огоҳинома ба андозсупорандаҳои қарздор оид ба пардохти қарзи андозҳо мебошад. Бо мусоидати Гурӯҳи корӣ тариқи барномаи СИА "Идоракунӣ ва мониторинги қарзи андозҳо" ба суроғаи 134 андозсупорандаи қарздор огоҳинома фиристода шудааст, ки маблағи умумии онҳо ба 1060 ҳазор сомонӣ баробар мебошад. Дар ин давра, аз ин ҳисоб танҳо 611 ҳазор сомонӣ вориди буҷет гардидааст.

Чунин бармеояд, ки бо вуҷуди андешидани тадбирҳои зарурӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои васеъ, ҳоло ҳам монеаҳо дар самти рӯёнидани қарзи андозҳо вуҷуд дорад. Ин ҳолат дар мисоли фаъолияти андозсупорандаҳои ноҳияи Фирдавсӣ барьало дида мешавад.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Налог на безопасность в Турции не затронет большинство российских туристов

**Налог на безопасность в Турции не будут взимать в аэропортах Антальи, Аланьи, Стамбула и Измира, а значит большинство российских туристов с ним не столкнуться, поведали в Ассоциации туроператоров России (АТОР), пишет Интерфакс.**

«Российские туристы, прилетающие на популярные курорты Турции, не попадут под действие налогового сбора, поскольку он не будет взиматься в аэропортах Антальи, Аланьи, Стамбула, Измира и Анкары. Если турецкие власти больше ничего не придумают, российским туристам, которые отправятся на курорты Турции в 2019 году, платить налог на безопасность вообще не придется», — сообщили в АТОР.

Для пассажиров аэропортов городов Адана, Газиантеп, Кайсери, Трабзон, Хатай и Эрзурум ставка налога составит 1,5 евро.

Сбор в размере 1 евро будет взиматься в аэропортах Агры, Адыйаман, Амасья Мерзифон, Балыкесир Коджа Сейит, Батман Бингел, Бурса Йенишехир, Чанаккале, Денизли Чардак, Диярбакыр, Элязыг, Эрзинджан, Ыгдыр, Ыспарта, Кахраманмараш, Кападокья, Карс, Кастамону, Коджаэли, Конья, Малатья, Мардит, Муш, Орду Гиресун, Самсун Чаршамба, Сиир, Синоп, Сивас, Шанлыурфа ГАП, Текирдаг Чорлу, Токат, Ушак и Ван.

Вчера мы писали, что Турция вводит для туристов налог на безопасность.

**http://taxpravo.ru/international**

# Таъсири таварруми пул ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ

**Дар шароити имрӯза болоравии таваррум маънои пастшавии устувории харидории онро дорад. Яке аз ҳадафҳои асосии стратегии ҳар як давлат ин устувории пули миллӣ ба ҳисоб рафта, чораёни мутавозини он тавасути фишангҳои гуногуни иқтисодӣ таъмин мешавад. Устувории пули миллӣ ҳатто ба хурдтарин элементҳои иқтисодию ғайриқтисодӣ алоқамандии зич дорад ва дар сурати тағйир ёфтани яке аз ин элементҳо пасту баландшавии қурби пули миллӣ эҳсос мешавад**



Таваррум, ҳамчун падидаи номатлуб, дар асри 6 то милод дар Юнони қадим, соли 1861 - 1865 дар ИМА, соли 1654 - 1662 дар Русия, соли 1789 - 1791 дар Фаронса, соли 1923 дар Олмон ва соли 1990 - 1996 дар Тоҷикистон то ба ҳадди 2000 фоизи солона баробар шуд. Дар адабиётҳои иқтисодӣ яке аз омилҳои самаранок пурзӯр кардани қурби пули миллӣ ин тартиби ченкунии таваррум мебошад.

Таварруми пул то андозае, ба таври доимӣ вуҷуд дорад. Масалан, дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта ҳар сол таваррумро дар ҳаҷми 0,1% то 4% пешбинӣ мекунанд. Аммо дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ва акнун ба иқтисоди бозорӣ қадамгузоранда ин нишондод бештар аст. Барои арзёбӣ ва муайян намудани сатҳи таваррум индекси нарх истифода мегардад. Ин нишондиҳанда дар таносуби нархи як миқдор молҳои истеъмолӣ дар давраи ҳозира бар нархи ҳамин қадар молҳои истеъмолӣ дар давраи гузашта муайян карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи ба муомилот баровардани пули миллӣ сатҳи таваррум ҳисоб карда намешуд. Бинобар ин, мо хусусияти таваррумро дар кишварамон баъди ба муомилот баровардани пули миллӣ дида мебароем. Зикр бояд кард, ки таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро дорад. Масалан, аз сабаби кам шудани истеҳсолоти саноатӣ ва аз кор бозмондани қисме аз корхонаҳои саноатӣ дар бозори дохилӣ саросар бо молҳои мамолики хориҷӣ муомила мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори дохилӣ қариб пурра ба бозори хориҷӣ вобаста гардид. Ин ҳолат талаботро ба асъори хориҷӣ ва пеш аз ҳама, ба доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) афзуд ва афзуда истодааст. Дар дохили ҷумҳурӣ сарчашмаи воридшавии асъори хориҷӣ, асосан, аз фурӯши нахи пахта ва алюминий мебошад.

Масъалаи устувории пули миллӣ аз одитарин элемент ва нишондиҳандаи иқтисодию ғайриқтисодӣ вобастааст. Ба ҳамин мақсад, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки воқеият ва камоли масъулиятшиносӣ масъалаи ба муомилот баровардани пули миллиро ба миён гузошт, ки ин як таккони ҷиддӣ барои ба эътидол овардани авзои иқтисодии мамлакат аз вартаи нобудшавӣ буд. Дар асоси пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 7-уми апрели соли 1995 рубли тоҷикиро чун нахустин пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҷорӣ намудани пули миллӣ ташкил доданд. Ба муомилот баровардани пули миллӣ - рубли тоҷикӣ дар миқёси иқтисодиёти давлат як қадами устувор ва ҳадафрас дар тамоми сохторҳои иқтисодии давлат, аз он ҷумла низоми бонкӣ буд. Ба муомилот баровардани рубли тоҷикӣ дар моҳи майи соли 1995 зарурияти ба таври дақиқ муайян кардани оқибати он ба равандҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ташкили механизми пурраи танзими муносибатҳои пулию қарзӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Омилҳои таварруми пул, ки таъсири бештар мерасонанд, омилҳои дохилӣ ва берунӣ мебошанд. Дар омилҳои дохилӣ омилҳои пулӣ ва ғайрипулиро дидан мумкин аст. Омилҳои пулӣ касри буҷети давлатӣ, афзоиши қарзи давлатӣ, барориши пул (эмиссия), афзоиши ҳаҷми қарз дар мамлакат ва ғайра аст, аммо омилҳои ғайрипулӣ бошад ин нобаробар тараққӣ кардани соҳаҳои истеҳсолии хоҷагии халқ, ҳодисаҳои хусусияти иҷтимоидошта мебошанд.

**Бӯҳронҳои таркибии ҷаҳонӣ (ашёӣ, энергетикӣ, асъорӣ), сиёсати асъории мамлакатҳо, содироти пинҳонии тилло ва асъор омилҳои берунии таваррум ба ҳисоб мераванд. Таварруми пул дар баробари ба вуҷуд омаданаш метавонад як қатор падидаҳои номатлубро ба бор оварад:**

- коҳиш додани сатҳи истеҳсолоти дохилӣ;
- ноустувор гардонидани қурби пули миллӣ;
- коҳиш додани талаботи истеҳсолӣ ва бо ин роҳ кам кардани воридоти маблағҳои буҷетӣ;
- коста гардонидани қобилияти пардохтпазирии қарзгирандагон ва ғайра.

Аз ин лиҳоз, ҷараёни бисёромилаи таваррум ин номутаносибии тараққиёти ҷамъият аст, ки боиси вайрон шудани қонуни муомилоти пулӣ гардида, ба тамоми нишондиҳандаҳои иқтисодию макроиқтисодӣ таъсири манфии мерасонад.

**Омилҳои пайдоиши таваррум аз инҳо иборатанд:**

- *тағйирёбии номунтазами нархи молҳо ва хизматрасонӣ, ки боиси паст шудани қобилияти харидории пул мегардад;*
- *паст шудани қурби пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ.*
- *тағйироти нархи тилло ва ғайра.*

Аз ин рӯ, дар шароити ҷаҳонишавӣ барои таъмини устувории қурби пули миллӣ ва қобилияти харидории он дар бозори молу хизматрасонӣ ва дар натиҷа коҳиш додани сатҳи таваррум чораҳои зарурӣ бояд андешид. Дар натиҷаи чораандешӣ ва оиндабинӣ метавон имконияти устуворгардонии пули миллиро имконпазир гардонид.

**А. НУРАЛИЗОДА,**
**дотсенти кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ**

**Н. ЗОИРЗОДА**
**магистранти курси 2-юми ихтисоси ҳуқуқи иқтисодии ДДМИТ**

## Илҳомбахши ҷомеа

Дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 январи соли равон дар мавзӯи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар бо иштироки муовини Раиси Кумитаи андоз Исмоилзода Хуршед, сардори Сарраёсати Агентии давлатии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзуллозода Маҳмадсаид ва намояндагони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҷаласаи корӣ баргузор гардид.

Муовини Раиси Кумитаи андоз Хуршед Исмоилзода ҷаласаро ифтитоҳ карда, аз ҷумла қайд намуд, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дастуру роҳнамоиҳояшон моро мудом ба бунёдиояндаи дурахшон ҳидоят мекунанд. Дар ҷавоб дар ғамхориҳои Роҳбари давлат моро зарур аст, ки аз пештар хубтар кор карда, вазифаҳои ба зиммаамон гузоштаи давлатро бо дили гарм ва нияти нек анҷом диҳем.

Бо ташаббуси Пешвои миллат масъалаҳои бамиёнгузоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти фароҷаҳонӣ пайдо кардааст. Эълон гардидани Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор, 2018-2028» дар таърихи башарият марҳалаи муҳим ба ҳисоб рафта, дар раванди муттаҳид гардонидани кишварҳои дунё бахри расидан ба ҳадафҳои рушди устувор заминаи мустаҳкам мегузорад.

Сардори Сарраёсати Агентии давлатии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Файзуллозода қайд кард, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ– Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019-2021 эълон гардидани солҳои Рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ба он хотир аст, ки 75 дарсади аҳолии кишвар маҳз дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Аз ин рӯ мебояд, ки онҳо низ рушд кунанд ва бо шароити хуби хизматрасонию маишӣ таъмин гарданд. Маҳз дар деҳот фазои мусоид барои таъмин мардум бо ҷойҳои корӣ муҳайё гардад.

Ҷаласаро муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Исмоилзода ҷамъбаст намуда, қайд кард, ки дастуру роҳнамоиҳои Сарвари давлатро сармашқи кори худ қарор дода, бахри таъмини нақшаи буҷети давлатӣ, пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ва пешрафти давлат саҳм гузорем.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

## Развитие туризма

**После разрушительного землетрясения и цунами в 2011 году поток туристов в Японию резко упал. Однако благодаря различным стимулирующим мерам власти сумели исправить ситуацию, и теперь количество иностранных путешественников, приезжающих в страну, растет из года в год.**



В 2017 году Японию посетили рекордное число иностранных туристов - почти 28,8 млн человек, что на 19% больше по сравнению с 2016 годом. Окончательные итоги 2018 года пока не подведены, однако, по данным на ноябрь, отметка 30 млн туристов уже преодолена.

Факторами роста туризма, как полагают в Токио, стало резкое увеличение количества недорогих авиарейсов, связывающих Японию с КНР, Южной Кореей и другими странами Азии. Сказалось также облегчение условий выдачи виз гражданам России, Китая и Вьетнама. Чаще всего в Японию приезжают жители Китая и Южной Кореи - вместе они составляют около половины туристического потока.

Между тем японские власти намерены к 2020 году увеличить туристический поток до 40 млн человек в год.

**http://taxpravo.ru/international**

Санҷишҳои андоз, асосан, бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти сариваќтии маблағи андози дар рафти санҷиш ошкоршуда ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупорандагон гузаронида мешавад. Имрӯз корҳои назоратӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳим ва назарраси фаъолияти мақомоти андоз, ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

# Омили таъсиррасон



Чуноне ки ба назар мерасад, агарчи маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардида, сатҳи қонунунвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо ҳоло ҳам корҳои назоратӣ дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида қонунвайронкуниҳои андозро ошкор менамояд.

Кормандони мақомоти андоз дар фаъолияти соҳибкорон пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ мегузаронанд то ки фаъолияти соҳибкорон хубтар ба роҳ монда шавад. Яке аз чунин корҳои назоратӣ ин гузаронидани санҷиши амалиётӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз ин амал боз беҳтар гардидани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз аз тарафи андозсупорандагон мебошад.

Тавре сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ, муовинаи хронометражӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Маҳмадраҷабзода иттилоъ дод, аз тарафи мақомоти андоз дар соли 2018 дар асоси 784 амрнома фаъолияти 28662 андозсупоранда, аз ҷумла 3307 шахси ҳуқуқӣ, 20605 соҳибкори инфиродӣ ва 4803 нафар шахси воқеӣ тахти санҷиши амалиётӣ қарор дода шудааст. Дар ин давра ба маблағи 69394 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ошкор гардидааст, ки аз ин 63676,4 ҳазор сомонӣ ва ё 91,8 фоизи он ба буҷет ворид шуда, ҷиҳати рӯёнидани маблағҳои боқимонда корҳои назоратӣ идома дорад.

Дар маҷмӯъ, аз ҳисоби ҳамаи қонунвайронкуниҳои андоз дар давраи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ нисбати 5702 нафар андозсупоранда барои риоя накардани қонунгузориҳои андоз ба маблағи 10247,2 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ шудааст.

Мавсуф гуфт, ки дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ, 4803 ҳолат ё ин ки 16,8 фоиз ҳолати бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ ошкор ва бо ҳуҷҷатҳои фаъолияти соҳибкорӣ таъмин шудаанд. Инчунин, дар рафти санҷишҳои амалиётӣ 1617 андозсупоранда бо мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) таъмин гардидаанд.

Ҳамчунин, дар рафти гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз 971 ҳолати бе қайд дар мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои молу мулки ғайриманқул аз ҷониби шахсони воқеӣ ошкор шудаанд. Аз ҷумла, аз ҷониби шуъбаи санҷишҳои амалиётии Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз 26 нафар, шаҳри Душанбе 57 нафар, вилояти Суғд 411 нафар, вилояти Хатлон 350 нафар ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 125 нафар шахсони бе қайд дар мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои молу мулки ғайриманқул ошкор гардид. Молу мулки ошкорнамудаи ба иҷорадодашуда дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуда, нисбати соҳибмулкон андозҳои иловагӣ ба маблағи 820,0 ҳазор сомонӣ ҳисоб ва ба буҷет пардохт гардид.

Ҳамзамон, дар натиҷаи санҷишҳои амалиётӣ 3796 нафар коргари кироии иловагӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ошкор шудааст, ки бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб гардидаанд. Дар натиҷа, коргарони кироя бо шартномаҳои меҳнатӣ таъмин шуда, нисбати андозсупорандагони мазкур протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои риоя накардани тартиби нигоҳ доштани андоз дар манбаи пардохт татбиқ шудааст.

Аммо нозиротҳои андози баъзе шаҳру ноҳияҳо ҳангоми санҷишҳои амалиётӣ коргарони кироян ба кор ҷалбшудаи бе қайд дар мақомоти андозро ошкор ва пешгирӣ накардаанд, ки ҳолати мазкур ба иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ, хусусан андози иҷтимоӣ таъсири манфӣ расонидааст. Ин дар ҳолест, ки нисбати ин нозиротҳои андоз дар ҷаласаи қаблан гузаронидашуда таъкид шуда буд, вале бо гузашти вақт дар самти ошкор ва ба қайд гирифтани коргарони кироя ягон чораи дахлдор андешида нашудааст.

Азим Маҳмадраҷабзода илова намуд, ки натиҷаи фаъолияти гурӯҳҳои кории Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андоз дар соли 2018 нишон дод, ки дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои кишвар захира ва имкониятҳои зиёде мавҷуд мебошад, ки барои ба андозбандӣ фаро гирифтани манбаъҳо аз ҳар як корманди мақомоти андоз масъулияти баланд ва иҷрои босифати уҳдадориҳои мансабиро тақозо менамояд. Вале сарфи назар аз вуҷуд доштани қонунвайронкуниҳои андоз, бархе аз мақомоти ҳудудии андоз дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ санҷишҳои амалиётии андозро намегузаронанд ва ё онро дуруст ба расмият намедароранд.

**Ёдрас мешавем, ки санҷишҳои амалиётӣ самти афзалиятноки соҳа буда, дар раванди иҷрои қисми даромади буҷет омили таъсиррасон мебошад. Аз ин рӯ, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки ба ин самти фаъолият аҳамияти ҷиддӣ диҳанд**

**Маҳзаб ЧУМЪА**

**Мақомоти андози ВМКБ имрӯзҳо бо мақсади кам кардани бақияи қарзи андозҳо тадбирҳои судманд андешида истодаанд.**

# Суратҳисобҳо баста шуд

Муовини сардори Раёсати андози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Лутфишо Азизбеков гуфт, ки соли гузашта ба мақсади кам кардани бақияи қарзи андоз дар ҳайати кормандони бахшҳои баҳисобгирии андозҳо ва хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфродӣ ситоди махсус таъсис дода шуд. Дар мадди аввал аъзоёни ин ситод мувазаф шуданд, ки феҳристи дақиқи андозсупорандагоне, ки бақияи қарзро коҳиш надодаанд ва дар бораи роҳҳои кам кардани тадбире ё нақша наандешидаанд, тартиб дода, бори дигар ба онҳо оид ба зарари қарзи андоз ҳам барои худи соҳибкорон ва ҳам ҷомеа шарҳу тавзеҳ диҳанд.

Дар натиҷаи суҳбату мулоқотҳои инфродию дастҷамъона бо шахсони ҳуқуқию воқеӣ, роҳбарони корхонаҳои хусусию давлатӣ вазъи баргардондани қарзи андоз тағйир ёфт. Дар як соли гузашта бисёр шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфродӣ бақияи қарзҳоро ба таври назаррас коҳиш доданд ва баъзе аз онҳо қарзи худро дар ин давра ба сифр баробар карданд. Аммо як гурӯҳи шахсони мансабдор, сарфи назар аз он ки бақияи қарзи андозашон рӯ ба афзоиш ниҳодааст, на танҳо барои кам кардани маблағи қарз чораe ҷустуҷӯ намекунанд, балки бо ҳар баҳона аз пардохти он сарпечӣ мекунанд. Маҳз бо гуноҳи чунин афроди бемасъулият бақияи қарзҳо то ба 2 миллиону 512 ҳазору 900 сомонӣ расидааст. Аз ҷумла бақияи қарзи андози ҶДММ "Синбод" 405 ҳазору 657 ҳазор сомонӣ, ҶСШК "Тоҷиктелеком" 314 ҳазору 793 сомонӣ ҶДММ "Ҳуҷаназар" 499 ҳазору 290 сомонӣ, Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи "Нақлиёти Барксоз" 187 ҳазору 946 сомонӣ, ҶДММ "Сакно" 85 ҳазору 808 сомонӣ, ҶСК "Муассисаи нақлиётии рақами 51" 67 ҳазору 98 сомониро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, дар назди буҷет ноҳияҳои Шуғнон 440926 сомонӣ, Роштқалъа 63632 сомонӣ, Ванҷ 345812 сомонӣ, Дарвоз 325 480 сомонӣ қарздор мебошанд.

Муовини сардори Раёсати андози вилоят гуфт, ки баъди корҳои фаҳмондадиҳӣ ва фиристондани огоҳинома ба корхонаҳои мазкур вазъият беҳ нашуд ва бинобар ин, масъулони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо мутобиқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурӣ оид ба татбиқи маҷбуран ситондани андозҳо амал намуда, суратҳисоби амалиёти хароҷотии андозсупорандагони номбурдаро бастанд. Агар ин чораи мазкур ҳам ба масъулони ин корхонаҳо асар накунад, нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо барои ҳабси амвол ва ба фурӯш гузоштани он ба суди иқтисодии вилоят муроҷиат мекунанд. Дар ин сурат амволи ин корхонаҳо дар музояда фурӯхта, маблағи он ба буҷети маҳаллӣ ворид карда мешавад.

Дар ҳамин ҳол ба кормандони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят дастур дода шуд, ки то нимаи аввали моҳи феврали соли равон бақияи қарзи андозро комилан коҳиш дода, дигар ба қарздории корхонаву муассисаҳои давлатию хусусӣ роҳ надиҳанд

**Довари БОВАР**



АНДОЗ ДАР ХОРИҶА

# Пешпардохти андоз

**Андозҳо барои молу мулк – нақлиёт, замин, амволи ғайриманқулро тибқи тағйироти нав ба қонунгузории андози Федератсияи Россия воридгардида аз 1 январ ба таври пешпардохт анҷом додан мумкин аст.**



Аз ҷиҳати техникӣ расмиёти мазкур сода аст: маблағҳои андозсупорандагон ба суратҳисоби махсуси Хазинадории федералӣ интиқол ёфта, сипас аз он мақомоти андоз маблағҳои мазкурро барои пардохти андозҳо ё ҷаримаҳо мегузаронанд.

Пешпардохтро ба воситаи ҳуҷраи шахсии дар сомонаи интернетии Хадамоти федералии андоз кушодашуда гузарондан мумки аст. Бо ҳамин мақсад, дар саҳифаи сомонаи интернетӣ бахши махсуси «Пардохти ягонаи андозӣ» кушода шудааст. Пардохт бо ёрии корти махсуси бонкӣ ё дар сомонаи яке аз бонкҳое, ки бо нозироти андоз шартнома дорад, анҷом дода мешавад. Дар ҳуҷраи шахсӣ на танҳо маблағи пардохтшуда инъикос мегардад, инчунин, тақсимоти маблағҳо барои пардохти андозҳои молумулкӣ низ инъикос карда мешавад.

Барои пешпардохти андоз аз сервисҳои «Пардохти андозҳо, аъзоҳаққиҳои суғуртавии шахсони воқеӣ», «Пур кардани расид» ва «Пардохти андоз барои шахсони сеюм» низ истифода кардан мумкин аст. Ҳангоми пардохт ба воситаи бахшҳои мазкури сомонаи интернетии хадамоти андози Россия, танҳо имкони истифода аз сомонаи бонки бо мақомоти андоз шартномадоштаро пешбинӣ кардааст.

Роҳи дигари пешпардохт – ба шуъбаи бонк омадан аст. Бо ин мақсад дар сомонаи интернетии хадамоти андоз ҳуҷҷати пардохтӣ мураттаб сохта, онро чоп карда, бо худ гирифтан зарур аст. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки пардохти якбораро на танҳо худи андозсупоранда, инчунин, шахси дигар низ гузаронда метавонад. Масалан, фарзандон барои волидони солхӯрдаи худ ё волидон барои фарзандони ноболиғи худ маблағ гузаронда метавонанд.

Тибқи тартиби амалкунанда ба шаҳрвандон барои пардохти андоз – барои ба воситаи почта ба ҳуҷраи шахсии худ дар сомонаи хадамоти андоз пешниҳод намудани чиптаи пардохт тахминан як моҳ ҷудо карда мешавад ва ин мӯҳлат 1 ноябр оғоз шуда, дар оғози моҳи декабр анҷом меёбад. Аксари одамон бо сабабҳои гуногун пардохти андозро ё фаромӯш мекунанд ё аз мӯҳлати муқарраршудаи пардохт дер мемонанд. Дар натиҷа ба болои андозҳо пеня зам мешавад. Дар натиҷа, чунин одамон маҷбур мешаванд, ки ду маротиба маблағ пардохт намоянд. Аввал худи андозҳоро, сипас вақте, ки пардохт ба махзани маълумоти андозсупорандагон ворид карда мешавад, бояд пеняҳоро пардохт кунанд.

Имконияти нав оид ба пешпардохти андозҳо ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки маблағҳои андозро пешакӣ пардохт кунанд ва дар бораи дер мондан аз мӯҳлати муқарраргашта фикр накунанд.

Фишанги пешпардохт махсусан ба он одамоне мусоид аст, ки дар минтақаҳои гуногуни мамлакат соҳиби молу мулк мебошанд, ё дар хориҷа зиндагӣ мекунанд. Чунин андозсупорон ба суратҳисоби махсуси хазинадории федералӣ маблағҳои андозро пешпардохт мекунанд ва минбад кормандони мақомоти андоз худашон маблағҳоро мутобиқи объектҳои андозбандӣ тақсим мекунанд.

Агар маблағи пешпардохт барои пӯшондани ҳамаи андозҳо кофӣ бошад, қарз ба вуҷуд намеояд. Агар маблағи пешпардохт нокифоя бошад, аввал маблағҳои камтари андоз, сипас маблағҳои калон барои пӯшондани андозҳо аз ҳисоб бароварда мешаванд. Дар чунин ҳолат, ба шаҳрвандоне, ки хоҳиши пешпардохт кардани андозҳояшонро доранд, зарур аст дар бораи он андеша кунанд, ки маблағи ба суратҳисоби махсуси хазинадории федералӣ пешпардохткардаашон барои пӯшондани ҳамаи андозҳо мерасад.

Дар Хадамоти федералии андози Россия хотиррасон мекунанд, ки пешпардохти андозҳо намуди нави хизматрасонӣ ба андозсупорандагон аст. Андозсупорандагон ҳуқуқ доранд мисли пештара андозҳояшонро бо усули муқаррарӣ, яъне пас аз дастрас кардани огоҳинома пардохт намоянд.

**Манбаъ: https://rg.ru/2019/01/02/rossiiane-teper-mogut-platit-nalogi-avansom.html**

# Нақши занон дар таҳкими сиёсат



**Яке аз муҳимтарин самтҳои сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста баланд бардоштани мақому манзалати зан дар ҷомеа ба шумор меравад. Роҳнамои ин сиёсат чун дар ҳамаи самтҳои хоҷагии халқи кишвар ҳамеша Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад.**

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2018) чунин иброз доштанд: «Мо ба азму ирода ва масъулиятшиносии занон ҳамчун нерӯи бузурги ҷомеа эътимоди комил дорем. Баробари ин, медонем, ки зан модар аст, яъне ягона мавҷудест, ки инсонро ба дунё меорад ва ба ӯ ҳаёт мебахшад. Ба ин хотир, мо масъул ҳастем, ки ба ин мавҷуди офарандаи инсоният арҷ гузорем, ранҷу машаққат ва заҳмату хизматҳои ӯро қадр намоем».

Мустақилона, боҷуръатона ва бо сари баланд баробари мардон дар самтҳои гуногун қадам задани занони тоҷик дар шикасти қолабҳо ва тасаввуротҳои кӯҳна, ки рисолати занро бениҳоят маҳдуд мекарданд, инқилоби ҷиддие гашта, бахри ташаккули тафаккури нав вобаста ба мавқеъ ва манзалати занон заминаи мусоид фароҳам овард. Муҳимтарин воқеаи таърихӣ, ки барои баланд бардоштани иштироки занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат намудааст, ин ғалабаи инқилоби октябри соли 1917 буд, ки баъди он занон озод шуданд ва ба баробарҳуқуқӣ бо мардон ноил гардиданд. Дар давррони Иттиҳоди Шӯравӣ бо қабули як қатор санадҳои байналмилалӣ вазъи занон боз ҳам беҳтар гашт.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, моҳи сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибистиқлолиро ба даст овард. Ин маънои онро дошт, ки давлат бояд мушкилоти худро мустақилона ҳал намуда, дар рушди самтҳои афзалиятноки ҷомеа кӯшиш ба харҷ диҳад. Тоҷикистон аз миёни кишварҳои ИДМ яке аз аввалинҳо шуда ба масъалаи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа диққати аввалиндараҷа дода, 27 декабри соли 1993 Конвенсияи байналмилалӣ «Дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон», «Ҳуқуқҳои кӯдакон», «Ҳуқуқҳои занон»-ро қабул кард.

Дар солҳои аввали соҳибдавлатӣ барои ҷумҳурии мо хеле вазнин буд. Оғози ҷанги шаҳрвандӣ, бад шудани вазъи иқтисодӣ ва сиёсӣ гуреза шудани садҳо нафар мардуми тоҷик махсусан занону кӯдакон ба давлати Афғонистон бесомониҳои зиёдеро ба бор овард. Ҳамаи ин дар мақоми занон ҳам таъсир расонд. Дар он марҳала Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки «Нақш ва мақоми зан дар ҷомеаи мо аҳамияти калон дорад. Зеро масъалае, ки моҳияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ дошта бошад, мо рӯи даст нагирем, маълум мешавад, ки ҳалли он бе иштироки занон, бе дарназардошти фикру пешниҳодоти онҳо имконнопазир аст».

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат қайд карданд, ки дар давраи душвори муқовимат, занони тоҷик бе тарсу дудилагӣ байни ҷонибҳои мухолифин истода, бо маслиҳати оқилона худ, насиҳатҳои пандомез аксар вақт ба паст кардани шиддатнокии эҳсосот кӯмак мекарданд. Чунин ҳолатҳо бисёр буданд. Сипас, ҳангоми оғози гуфтушуниди қувваҳои ҳукуматӣ бо мухолифин, ки ҳазорҳо километр дур аз ватан баргузор мегаштанд, занони тоҷик бо муроҷиатҳо, барқия ва паёмҳои худ иштирокчиёни музокиротро дастгирӣ карда, онҳоро барои барпо намудани сулҳ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ даъват менамуданд.

Боиси ифтихор аст, ки дар шароити кунунӣ бо дастгириҳои Ҳукумати малакат занони тоҷик дар баробари тарбия ва ба камол расонидани фарзандон дар дохил ва хориҷи кишвар дар самтҳои мухталифи ҷомеа кор ва фаъолият намуда истодаанд.

Тибқи маълумоти оморӣ соли 1991 дар соҳаи маорифи кишвар аз 95 ҳазор нафар корманд ҳамагӣ 52 фоизро занону духтарон ташкил медоданд.Соли 2018 ин нишондиҳанда ба 70 фоиз расидааст. Имрӯзҳо шумораи занон дар сафи хизматчиёни давлатӣ рӯ ба афзоиш дорад. Соли 2018 дар мансабҳои роҳбарикунанда 19 фоиз ва дар ҳайати хизматчиёни давлатии мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи он 25 фоизро занону духтарон ташкил медиҳанд.

Боиси хушнудӣ аст, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон шуд. Расидан ба ҳадафҳои созанда, тақвият бахшидан ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва нигоҳ доштани анъанаҳои ниёгонамон аз занони лаёқатманд вобастагии калон дорад. Мо - занон метавонем, ки ҳунарҳои мардумиро аз сари нав эҳё намоем.

Итминони комил дорам, ки дар оянда низ ҷиҳати дасгирӣ ва дар амал татбиқ намудани сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои созанда занони кишвар кӯшиш ба харҷ дода, корҳои зиёдеро ба сомон хоҳанд расонид.

Сиришти занону модарон аз покиву зебоӣ, рисолати зиндагисоз ва эҳсоси гарми ҷонбахш офарида шудааст. Аз ин лиҳоз, иззату эҳтироми модар қарзи муқаддаси ҳар як инсон буда, подоши заҳмату бедорхобиҳои модар фақат аъмоли писандида, рафтори шоиста ва фазилатҳои неки ҳар як фарди солимфикр ва бонангу номус аст.

**Мубораки НАЗРИМАД,**

**эдвайзер оид ба тарбияи факултети иқтисод ва бизнеси ДДМИТ**

**Тавре ба назар мерасад, дар давлатҳои хориҷӣ 90 фоизи пардохтҳо тариқи ғайринақдӣ, бо истифода аз техонолгияҳои муосири электронӣ ва кортҳои пардохтии бонкӣ амалӣ мешавад. Аммо ин раванд дар Тоҷикистон баръакс аст. Тақрибан 90 фоизи аҳолии кишвар пардохтҳои худро тариқи нақдӣ анҷом медиҳанд, танҳо 10 фоизи аҳолӣ пардохтҳои ғайринақдиро бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ амалӣ мекунанд.**

# Афзалиятҳои пардохти ғайринақдӣ

## ё Насбу истифодаи ПОС-терминалҳои электронӣ дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар кадом вазъ қарор дорад?



Ин ҳам дар ҳолест, ки имрӯзҳо мақомоти андози кишвар дар якҷоягӣ бо ниҳодҳои масъул кӯшиш намуда истодаанд, ки давра ба давра дар тамоми марказҳои савдою хизматрасонӣ ПОС-терминалҳои электронӣ насб кунанд, то шаҳрвандон тавонанд ҳангоми хариди мол ё хизматрасонӣ озодона аз ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ истифода намоянд. Яъне шаҳрвандон ҳангоми хариди молу маҳсулот бе истифодаи пули нақд бо роҳи истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ муомилот анҷом дода тавонанд.

Гуфта мешавад, ки яке аз афзалиятҳои пардохтҳои ғайринақдӣ ин осонии истифодаи онҳо буда, зарурати бо худ ҳамроҳ гирифтани маблағи калон нест. Ҳамзамон, ҳамеша имкони пардохтани нархи моли харидашуда дар дохил ва хориҷи мамлакат вуҷуд дорад. Барои дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ шарт нест, ки ҳатман аз банкомат пули нақд гиранд, балки кифоя аст, ки дар мағоза, барои хизматрасонии коммуналӣ ё мобилӣ ва ғайра пардохтро тариқи ғайринақдӣ анҷом диҳанд.

Мақомоти ҳудудии андоз бо мактуби супоришӣ (6200/12.6 аз 17.05.2018) оид ба насб ва истифодаи ПОС-терминалҳои электронӣ вазифадор гардидаанд, ки иҷрои қарори мазкурро таъмин карда, ҳар моҳ то санаи якуми моҳи ҳисоботӣ ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

### Афзоиши насби ПОС-терминалҳо

Тибқи талаботи банди 9 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохти бонкӣ» №815 аз 31.12.2014 назорати истифода ва насби терминалҳои электронӣ ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст. Мутобиқи қарори мазкур, пеш аз ҳама, насб намудани ПОС-терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои калони савдо ва хизматрасонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Тавре сардори шуъбаи назорати фаврии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Давлатзода иттилоъ дод, ба ҳолати 1 - уми январи соли 2019 дар муассисаҳои савдою хизматрасонии кишвар 3014 адад ПОС-терминали электронӣ насб гардидаанд, ки 810 адади он пурра фаъолият намуда, 2204 адади он қисман истифода мешаванд.

Ба иттилои ӯ, айни замон шумораи истифодабарандагони кортҳои пардохтӣ дар кишвар 1, 8 млн. нафар буда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 -ум 123 ҳазор нафар зиёд мебошад. Ҳаҷми амалиёти бо кортҳои пардохтӣ дар соли 2018 –ум 10,4 млн. сомониро ташкил намудааст, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 –ум 8,3 млн. сомониро ташкил менамуд.

Ҳамчунин, қайд шуд, ки барои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ Ҳайати муштараки корӣ аз намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, ки онҳо дар якҷоягӣ барои насбу мавриди истифода қарор додани ПОС-терминалҳои электронӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ мегузаронанд.

Дар соли 2018 аз тарафи гурӯҳҳои корӣ дар фаъолияти 450 андозсупоранда ПОС-терминалҳои электронӣ насб гардидааст. Дар муассисаҳои савдо ва хизматрасоние, ки бо ПОС-терминалҳои электронӣ муҷаҳҳаз набуданд, бо роҳбарон ва кормандони онҳо оид ба зарурат ва афзалиятҳои истифодабарии ПОС-терминалҳои электронӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд. Ба 950 муассисаи савдо ва хизматрасонӣ аз ҷониби намояндагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон барои насб кардани ПОС-терминалҳои электронӣ огоҳинома дода шуд. Инчунин, барои истифода кардани ПОС-терминалҳои электронӣ ё саркашӣ намудан аз насби постерминалҳо нисбати 12 андозсупоранда, дар асоси моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаи маъмурӣ татбиқ гардид.

М. Давлатзода сабаби асосии истифода нашудани ПОС-терминалҳоро аз ҷониби андозсупорандагон ин огоҳии комил надоштан нисбати афзалиятҳои хизматрасонӣ маънидод намуд.

### Манфиатҳои пардохти ғайринақдӣ

Яке аз афзалиятҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ин бехатарӣ аст, ки ҳангоми дуруст истифода кардани усули нисбатан бехатари пардохти мол ё хизматрасонӣ мебошад. Дар сурати гум шудани (дуздӣ, гумшавӣ, нобудсозӣ) ҳамён, пули нақдро яқинан баргардонидан номумкин аст, дар ҳоле ки маблағҳои дар суратҳисоби корти пардохти бонкӣ ё дар ҳамёни электронибударо зуд банд кардан мумкин аст.

Инчунин, вақте, ки шахс маълумотро дар бораи маблағҳои сарфкарда таҳлил мекунад, метавонад буҷети худро беҳтар карда, хароҷотро пешакӣ ба нақша гирад. Масалан, тариқи СМС – паёмак (огоҳинома) метавонад ба осонӣ дар бораи маблағ дар суратҳисобаш маълумот гирад. Ин дар навбати худ кӯмак менамояд, ки бошуурона хароҷоти барзиёдро маҳдуд карда, баръакс, маблағҳояшро пасандоз ва афзун намояд.

Афзалиятҳои дигари ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ он аст, ки маълумот дар бораи ҳамаи маблағҳое, ки барои молу хизматрасонии гуногун харҷ мегардад, дар воситаҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ маҳфуз дошта мешавад.

### Фурӯшанда чӣ мегӯяду харидор чӣ?

Вақте аз марказҳои савдои «Пайкар», «Шоҳона», «Ёвар» ва «Сафар» -и шаҳри Душанбе дидан намудем, дидем, ки онҳо аз ПОС-терминалҳои электронӣ истифода менамоянд ва бештари шаҳрвандон ҳам аз корти пардохтии «Амонатбонк» истифода мекунанд.

Номвар Қурбонов-як харидор, ки аз маркази савдои «Шоҳона» молу маҳсулот меҳарид, бо истифода аз корти «Амонтабонк» ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ анҷом дод. Ӯ зимни суҳбат бо мо гуфт, ки истифодаи корти пардохтӣ барои ҳисоббаробаркунии ӯ қулай ва осон аст ва ҳар вақти харидории маҳсулот метавонад бе гирифта гаштани пули калон аз корти пардохтӣ истифода намояд.

Номбурда қайд намуд, ки ду сол боз аз ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ истифода мекунад. Аммо изҳори таассуф намуд, ки бархе аз марказҳои савдо ва хизматрасонӣ аз постерминалҳо истифода намекунанд.

Фурӯшандаи Маркази савдои «Шоҳона» Дилафрӯз Бозорова гуфт, ки дар ин маркази савдо пайваста аз ПОС-терминалҳои электронӣ истифода мекунанд. Ӯ қайд намуд, ки харидорон аз кортҳои пардохтӣ кам истифода менамоянд.

Ӯ гуфт, ки насби ПОС-терминалҳои электронӣ ба манфиати фурӯшандагон низ ҳаст, зеро ҳангоми бақияро додан пули майда ҷустан лозим намешавад. Ба гуфтаи ӯ, дар ин ҳолат низ нофаҳмӣ байни харидор ва фурӯшанда ба вуҷуд намеояд ва ҳар моле, ки мизоҷ харид мекунад, бо истифода аз корти пардохтӣ ба ӯ ҳатман расид дода мешавад.

Маҳмадсаид Давлатзода илова намуд, ки мақомоти андози кишвар нақша дорад, ки дар соли 2019 дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ зиёда аз 4000 ПОС-терминалҳои электронӣ насб ва мавриди истифода қарор диҳад. Терминалҳои электронӣ дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар асоси шартнома аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ насб гашта, барои насб намудани он соҳибкорон бояд ба ташкилотҳои қарзие, ки барориш ва хизматрасонии кортҳои пардохти бонкиро анҷом медиҳанд, муроҷиат намоянд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки афзоиши пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтӣ ва истифодаи оммавии онҳо ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ шаффофияти ҷараёнҳои молиявиро таъмин намуда, ба афзудани воридшавии андозҳо мусоидат мекунад ва яке аз омилҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Турция вводит для туристов налог на безопасность

**Турция с 1 января 2019 г. вводит налог на безопасность для туристов в размере 1,5 евро, который будет взиматься в аэропортах по прилету, пишет Интерфакс.**

Первоначально предполагалось взести налог в размере 3 евро с человека. Но ассоциация туристических агентств Турции TURSAB обратилась к министру культуры и туризма Турции Мехмету Нури Эрсою с предложением уменьшить сбор, поскольку миллионы туристов уже оплатили отдых в Турции в 2019 г. После переговоров с министерством транспорта и инфраструктуры было решено снизить размер сбора до 1,5 евро с человека.

«Одно из самых больших преимуществ Турции как туристического направления - это хорошее соотношение цены и качества. Турпакеты на 2019 год продаются уже три месяца, начиная с октября, без учета нового налога. Их купили миллионы иностранных туристов. 3 евро могут показаться незначительной суммой, но если этот расход будет возложен на туроператоров, им придется заплатить миллионы евро», — сообщил глава Tursab Фируз Балыкая.

http://taxpravo.ru/international

# Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии зерин ОЗМУН эълон менамояд.

| р/т | Номгӯи мансабҳои холӣ |
|---|---|
| | **ДАСТГОҲИ МАРКАЗӢ** |
| | **Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо** |
| 1. | Сармутахассиси шуъбаи баҳисобгирии воридоти даромадҳои давлатӣ |
| 2. | Мутахассиси пешбари шуъбаи баҳисобгирии воридоти даромадҳои давлатӣ |
| 3. | Мутахассиси шуъбаи баҳисобгирии воридоти даромадҳои давлатӣ |
| | **Раёсати баҳайдгирии андозсупорандагон** |
| 4. | Мутахассиси пешбари бахши баҳисобгирии андозсупорандагон ва хуҷҷатҳои бойгонӣ |
| | **Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон** |
| 5. | Сардори шуъбаи назорати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Раёсати ҳамкории байналмилалӣ ва андозбандӣ** |
| 6. | Мутахассиси пешбари шуъбаи ҳамкории байналмилалӣ |
| | **Раёсати санҷиши андозҳо** |
| 7. | Сармутахассиси шуъбаи санҷиши хуҷҷатии андозҳо |
| 8. | Мутахассиси пешбари шуъбаи ташкили назорати камералӣ |
| 9. | Мутахассиси пешбари шуъбаи нақшабандии санҷишҳо аз рӯи омили хавфҳо |
| 10. | Сармутахассиси шуъбаи назорати фаврӣ |
| | **Раёсати ташкили андозбандӣ** |
| 11. | Муовини сардори раёсат |
| 12. | Сардори шуъбаи ташкили андозҳои ғайримустақим |
| 13. | Мутахассиси пешбари шуъбаи ташкили андозҳои ғайримустақим |
| | **Шуъбаи робита бо воситаҳои ахбори омма** |
| 14. | Сардори шуъба |
| | **Раёсати молиявию хоҷагидорӣ** |
| 15. | Сардори шуъбаи сохтмон ва таъмири асосӣ |
| 16. | Сармутахассиси шуъбаи сохтмон ва таъмири асосӣ |
| | **Маркази коркарди маълумот** |
| 17. | Мутахассиси пешбари шуъбаи таҳлил, таҳия ва пешниҳоди хулосаҳо |
| 18. | Сармутахассиси шуъбаи коркарди маълумоти аввалия |
| 19. | Сардори шуъбаи мониторинг |
| | **Нозироти андозсупорандагони калон** |
| 20. | Мутахассиси пешбар оид ба таъмини ҳуқуқӣ |
| 21. | Мутахассиси шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо |
| 22. | Сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 23. | Мутахассиси пешбари шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 24. | Мудири бахши хизматрасонӣ ба андозсупорандагони ноҳияи Ёвон |
| | **Шуъбаи Нозироти андозсупорандагони калон дар шаҳри Душанбе** |
| 25. | Сармутахассиси гурӯҳи ситонидани қарзи андозҳо |
| 26. | Мутахассиси гурӯҳи ташкили назорати камералӣ |
| | **Нозироти андозсупорандагони миёна** |
| 27. | Мутахассиси пешбари бахши хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 28. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи назорати фаврии шуъбаи аудит |
| | **Шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар шаҳри Душанбе** |
| 29. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони ноҳияи Шоҳмансур |
| 30. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони ноҳияи Шоҳмансур |
| | **Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе** |
| 31. | Мутахассиси пешбар оид ба таъмини ҳуқуқӣ |
| 32. | Мутахассиси пешбари шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо |
| 33. | Мутахассиси шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо |
| 34. | Сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 35. | Мутахассиси шуъбаи ситонидани қарзи андозҳо |
| 36. | Сармутахассиси гурӯҳи санҷиши хуҷҷатии андозҳои шуъбаи санҷиши андозҳо |
| 37. | Сармутахассиси гурӯҳи назорати фаврии шуъбаи санҷиши андозҳо |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ** |
| 38. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 39. | Сармутахассис - сардори гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 40. | Мудири бахши баҳайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур** |
| 41. | Сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 42. | Мутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 43. | Мудири бахши баҳайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Шоҳмансур |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ** |
| 44. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 45. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Сино** |
| 46. | Мудири бахши баҳайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Сино |
| | **Раёсати андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** |
| 47. | Мутахассиси гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ, муоинаи хронометражӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунӣ |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Хоруғ** |
| 48. | Мудири бахши баҳисобгирии даромадҳо – сармуҳосиб |
| 49. | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Шуғнон** |
| 50. | Мудири бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Рушон** |
| 51. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии бахши хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Роштқалъа** |
| 52. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Ишкошим** |
| 53. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии бахши хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Дарвоз** |
| 54. | Мутахассиси пешбари бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Ванҷ** |
| 55. | Муовини сардор – сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 56. | Мудири бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Мурғоб** |
| 57. | Мудири бахши хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 58. | Мутахассиси бахши хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Лахш** |
| 59. | Мудири бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Тоҷикобод** |
| 60. | Сардори нозироти андоз |
| 61. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 62. | Сармутахассиси бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Рашт** |
| 63. | Мутахассиси пешбари бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 64. | Мудири бахши санҷиши андозҳо |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Сангвор** |
| 65. | Муовини сардор – мудири бахши хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 66. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии бахши хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Нуробод** |
| 67. | Муовини сардор - сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Роғун** |
| 68. | Мутахассиси пешбари бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| 69. | Мудири бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод** |
| 70. | Мудири бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 71. | Мутахассиси пешбари бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 72. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 73. | Сардори шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 74. | Мутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат** |
| 75. | Сармутахассис – сармуҳосиб |
| 76. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 77. | Мутахассиси гурӯҳи муоинаи хронометражӣ ва мошини назоратӣ – хазинавии шуъбаи санҷиши андозҳо |
| 78. | Мудири бахши баҳайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Ваҳдат |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ** |
| 79. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи муоинаи хронометражӣ ва мошини назоратӣ – хазинавии шуъбаи санҷиши андозҳо |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Варзоб** |
| 80. | Мудири бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 81. | Мутахассиси бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 82. | Мутахассиси пешбари бахши санҷиши андозҳо, муоинаи хронометражӣ ва мошини назоратӣ - хазинавӣ |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор** |
| 83. | Муовини сардор – сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 84. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 85. | Сардори шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 86. | Мудири бахши баҳайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Ҳисор |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода** |
| 87. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 88. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 89. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 90. | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| 91. | Сардори шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 92. | Мудири бахши баҳайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Турсунзода |

| Номгӯи мансабҳо | Андозаи маоши моҳонаи мансабӣ бе дарназардошти собиқаи хизмати давлатӣ (бо сомонӣ) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Дастгоҳи марказӣ | НАК, НАМ | Раёсатҳои андоз, шуъбаҳои НАК ва НАМ дар шаҳру вилоятҳо | Нозироти андоз дар шаҳрҳо | Нозироти андоз дар ноҳияҳо |
| Сардори раёсат | 1983 | - | 1800 | - | - |
| Муовини сардори раёсат | 1630 | - | 1475 | - | - |
| Сардори нозироти андоз | - | 1889 | - | 1151 | 1095 |
| Муовини сардори нозирот | - | 1551 | - | 1151 | 1095 |
| Сардори шуъба | 1334 | 1269 | 1207 | 1151 | 1095 |
| Мудири бахш | 1095 | 1043 | 991 | 944 | 897 |
| Сармутахассис | 988 | 941 | 894 | 852 | 811 |
| Мутахассиси пешбар | 806 | 769 | 733 | 696 | 665 |
| Мутахассис | 665 | 634 | 603 | 572 | 546 |
| **Эзоҳ: Ҳангоми мавҷуд будани собиқаи хизмати давлатӣ ба маоши мансабӣ иловапулӣ зам мегардад.** | | | | | |

**Талаботи озмун:** Таҳсилоти олии иқтисодӣ ё ҳуқуқшиносии ба ишғоли мансаби холӣ мувофиқ, донистани муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», забони давлатӣ ва тавонистани кор бо технологияҳои иттилоотӣ.

Ба мансаби сардори нозироти андоз, сардори шуъба, мудири бахш, сармутахассис ва мутахассиси пешбар шахсоне, ки мутаносибан 5, 4, 3 ва 1 сол собиқаи умумии корӣ ва ё 4, 3, 2 ва 1 сол собиқаи хизмати давлатӣ доранд, инчунин, дорои донишу малакаи идоракунӣ ва банақшагирии кор мебошанд, метавонанд довталабӣ намоянд. Довталабони мансабҳои шуъбаю бахшҳои санҷиши андозҳо ва аудити дохилӣ новобаста аз категорияи мансаб бояд на камтар аз 3 сол собиқаи корӣ дар соҳаи дахлдор дошта бошанд.

**Ба озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- *ариза ба унвони роҳбари мақомот (шакли муқарраршуда);*
- *варақаи шахсӣ бо 2 дона расми рангаи 4х6 (варақаи шахсии бо дасти худ пуркардашуда);*
- *тарҷумаи ҳол (бо дасти худ пуркардашуда);*
- *нусхаи шиноснома;*
- *нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот (диплом бо замимааш);*
- *нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);*
- *маълумотномаи тиббӣ (шакли №038);*
- *нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (агар собиқаи корӣ бошад);*
- *маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;*
- *нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);*
- *маълумотнома аз ВКД дар бораи доғи судӣ.*

Ариза ва ҳуҷҷатҳо барои иштирок намудан дар озмун то 11 феврали соли 2019 дар бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев – 42/2 шахсан ва ё тариқи электронӣ (www.andoz.tj) қабул карда мешаванд.

Довталабоне, ки ҳуҷҷатҳои худро бо тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд, ӯҳдадоранд, ки дар рӯзи баргузории озмун - суҳбат ҳуҷҷатҳои аслиро пешниҳод намоянд.

- **Озмун рӯзи 13 феврали соли 2019, соати 8:00 баргузор мегардад.**
- **Телефон барои тамос: 2-33-06-83**

**Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйхати субъектҳои бефаъолиятро тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷии бефаъолият”, ҷиҳати хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатӣ пешниҳод менамояд.

Аз шумо хоҳиш менамоем, ки арзу шикоятҳоро нисбати андозсупорандагони бефаъолият, ба Бахши иттилоотӣ бо рақамҳои содакардашудаи телефонии 151 ва 152 ё ба Кумитаи андоз бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2 пешниҳод намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(Аввалаш дар шумораи гузашта)

Рӯйхати андозсупорандагони бефаъолияти ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд.

| № | Ном ва насаби андозсупоранда | Санаи бақайдгирӣ | РЯМ |
|---|---|---|---|
| | СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ | | |
| 76 | Султони Теҳрони Ҳамид Мирзо | 16.04.2012 | 0330171096 |
| 77 | Хусейнов Сафарали Баҳодурович | 10.08.2009 | 0430001477 |
| 78 | Ҳусейн Малик Захид | 20.11.2012 | 0330194737 |
| 79 | Наимова Замира Абдураҳмоновна | 17.06.2013 | 0331208085 |
| 80 | Ҳайдоров Бозор Љаборович | 07.10.2010 | 0430061922 |
| 81 | Бабаярова Мадина Љурабековна | 23.09.2013 | 0331222045 |
| 82 | Ҳафизова Кутфия Дустмахмадовна | 03.07.2009 | 0430000111 |
| 83 | Қурбонов Музаффар Даутович | 22.10.2015 | 0331299559 |
| 84 | Абдулҳамидов Љурабек | 27.10.2016 | 0331330203 |
| 85 | Саидов Мирзораҳим | 03.06.2015 | 0331287459 |
| 86 | Азизов Љахонгир | 04.06.2014 | 0331251846 |
| 87 | Шарипов Амир | 25.09.2014 | 0331261838 |
| 88 | Курилова Татьяна | 14.05.2009 | 0130004325 |
| 89 | Алиев Исломиддин | 13.10.2010 | 0330095985 |
| 90 | Акрамов Махмаддлатиф | 06.06.2012 | 0330177999 |
| 91 | Шафиева Шаҳло | 11.11.2009 | 0330003649 |
| 92 | Зиёев Муҳсин | 10.07.2014 | 0331255421 |
| 93 | Усмонов Акмал | 04.10.2016 | 0331327664 |
| 94 | Каримов Файзали Абдуфатоевич | 18.12.2013 | 0331233641 |
| 95 | Каимов Дилшод | 25.12.2015 | 0330182729 |
| 96 | Бабиев Ҳайдар Авғонович | 25.06.2010 | 0230017719 |
| 97 | Ромин муҳаммад Исмоил | 25.02.2014 | 0331239435 |
| 98 | Қаюмов Сайдаҳмад | 03.05.2011 | 0330126775 |
| 99 | Назармаҳмади Бегмуҳамад | 25.06.2012 | 0330180547 |
| 100 | Саидов Зоирҷон | 24.01.2012 | 0330159253 |
| 101 | Каримов Аҳлиддин | 05.12.2011 | 0330153890 |
| 102 | Тохочаев Акмал | 20.11.2012 | 0430126327 |
| 103 | Саидова Зарина | 07.01.2010 | 0330005409 |
| 104 | Эвазов Сайидо | 11.10.2013 | 0331225098 |
| 105 | Баротов Фирдавс Сайвалиевич | 03.02.2007 | 0330094784 |
| 106 | Мирзоев Талбакшо Саймаъруфович | 29.06.2011 | 0330134292 |
| 107 | Гуо Лонгбин | 11.02.2010 | 0330018563 |
| 108 | Лин Яинг | 11.02.2011 | 0330114730 |
| 109 | Маҳмадкаримова Сайёра Холмаҳматовна | 21.04.2014 | 0331246869 |
| 110 | Хаирела Алиму | 09.03.2007 | 0330076258 |
| 111 | Лияинг Чен | 21.07.2011 | 0330137216 |
| 112 | Абдулҳамид Довудоглу | 07.05.2017 | 0330052278 |
| 113 | Симайиличанг Туерсун | 16.04.2015 | 0331280208 |
| 114 | Аизезичианг Аимаити | 16.04.2015 | 0331280034 |
| 115 | Синь Лю | 04.05.2009 | 0330063580 |
| 116 | Сафаров Раҳматулло Абдусаломович | 05.02.2007 | 0330078210 |
| 117 | Май Майшавути Абдурейиму | 04.11.2010 | 0330000651 |
| 118 | Якея Ресити | 14.04.2015 | 0331279475 |
| 119 | Чжу Мингфу | 08.09.2009 | 0330001339 |
| 120 | Абула Аймайчианг | 04.11.2010 | 0330099789 |
| 121 | Минцзе Чжон | 05.05.2010 | 0330050646 |
| 122 | Бурҳонова Гулистон Асомидинова | 25.06.2016 | 0331319353 |
| 123 | Абдувайити Туерксун | 10.06.2015 | 0331288458 |
| 124 | Шалайидинг Маимаити | 14.04.2015 | 0331279447 |
| 125 | Тсанг Янгхуанг | 11.02.2010 | 0330018343 |
| 126 | Туерсун Абдуликему | 05.05.2015 | 0331282839 |
| 127 | Жанг Мингвей | 12.10.2011 | 0330147987 |
| 128 | Рузи Туерсун | 27.11.2014 | 0331266320 |
| 129 | Тая Чи Ба-Ий | 18.08.2011 | 0330140599 |
| 130 | Чингуанг Ванг | 05.10.2010 | 0330093977 |
| 131 | Кингфа Жанг | 06.04.2009 | 0330072665 |
| 132 | Хуай Ву | 06.07.2010 | 0330079934 |
| 133 | Абулимити Абдурехеман | 06.04.2011 | 0330121651 |
| 134 | Абулимити Юсуфу | 18.06.2014 | 0331253560 |
| 135 | Меймей Фан | 13.05.2011 | 0330128059 |
| 136 | Хонг Ши | 02.06.2009 | 0330057915 |
| 137 | Амонатов Раҷабали Абдуллоевич | 18.01.2012 | 0330158373 |
| 138 | Мумини Сафдар Хон | 04.02.2014 | 0331237363 |
| 139 | Собирчонов Олимчон Шакирчонович | 12.12.2015 | 0331303675 |
| 140 | Абдували Имаму | 26.01.2011 | 0330111724 |
| 141 | Юнусова Малоҳат Мамадалиевна | 19.02.2010 | 0330021799 |
| 142 | Бурхонов Сафват Холибекович | 15.10.2009 | 0230002685 |
| 143 | Аймулачян Вушуер | 01.07.2014 | 0331254422 |
| 144 | Мухаммадбасир Мухаммадзоир | 24.08.2008 | 0330018416 |
| 145 | Курбонов Чахонгир Чобирович | 16.06.2010 | 0330071225 |
| 146 | Турсунов Маъруф Самиевич | 24.05.2016 | 0331316215 |
| 147 | Фан Хуйфен | 06.03.2014 | 0331240168 |
| 148 | Исимаиличианг Ачимайmати | 16.07.2014 | 0331255971 |
| 149 | Шамшоди Хасанзода | 23.02.2012 | 0330163570 |
| 150 | Бартениёв Антон Сергеевич | 04.03.2011 | 0330117728 |
| 151 | Давлатов Фарух Лангаршоевич | 05.06.2014 | 0331252185 |
| 152 | Ли Якуй | 16.07.2014 | 0331256118 |
| 153 | Раҷабов Давлат Сафарович | 06.08.2009 | 0330000569 |
| 154 | Шакиров Фанис Камилович | 17.03.2010 | 0330032927 |
| 155 | Байхетиер Вусятсу | 14.07.2014 | 0331255632 |
| 156 | ШМИДТ ИРМА | 02.05.2016 | 0331314235 |
| 157 | Наъимов Муқаддас Асоевич | 14.11.2012 | 0330194224 |
| 158 | Раҷабов Назурулло Давлатъёрович | 29.07.2011 | 0330137922 |
| 159 | Абдуваитов Азам Раҳматуллоевич | 30.03.2012 | 0330167668 |
| 160 | Шарипов Чалолудин Мухидинович | 30.10.2009 | 0330003374 |
| 161 | Алиева Шаҳноза Собировна | 17.02.2012 | 0330162681 |
| 162 | Мақсудова Фируза Сангалиевна | 09.10.2012 | 0330191749 |
| 163 | Маликов Раҳматулло Неъматович | 29.05.2012 | 0330176935 |
| 164 | Бавудинг Йимаму | 03.12.2014 | 0331266980 |
| 165 | Машарипова Ҳамида Содиковна | 19.07.2010 | 0430053461 |
| 166 | Ҳайдаров Рустамҷон Олимҷонович | 23.04.2012 | 0430110606 |
| 167 | Ябирейиму Носир | 14.07.2014 | 0331255605 |
| 168 | Бозоров Шерафған Шералиевич | 14.03.2014 | 0331241745 |
| 169 | Шуҳрат Курбон | 26.04.2011 | 0330126042 |
| 170 | Мушфиқ Муҳаммад Башир | 30.11.2015 | 0331302822 |
| 171 | Абдуллоев Аҳрор Анварович | 16.07.2013 | 0331213511 |
| 172 | Таваров Изатулло Негматович | 11.11.2010 | 0330100852 |
| 173 | Бадридинова Сайёра Шокировна | 12.01.2007 | 0330043203 |
| 174 | Камолова Кимхо Неъматовна | 19.02.2015 | 0331273727 |
| 175 | Сайдалиев Чамшед Абдусаторович | 27.05.2014 | 0331251287 |
| 176 | Бобоҷонов Шавкат | 14.02.2011 | 125300044 |
| 177 | Якубов Якуб | 14.12.2009 | 0330004675 |
| 178 | Довутов Точидин | 15.12.2011 | 0430101018 |
| 179 | АҶИМУ ВАРИСИ | 28.05.2015 | 037546286 |
| 180 | РОУЗИ АЧИМУ | 12.03.2015 | 037530885 |
| 181 | ЕПИЗИ СИМАИ | 14.07.2014 | 037462094 |
| 182 | Ҳанонов Маъруф | 02.06.2010 | 095173612 |

Рӯйхати андозсупорандагони бефаъолияти ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд.

| № | Ном ва насаби андозсупоранда | Санаи бақайдгирӣ | РЯМ |
|---|---|---|---|
| | СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ | | |
| 1 | Асомуддинов Махмадҷон | 12.09.2011 | 0130051149 |
| 2 | Назаров Бахтиёр | 08.07.2015 | 0130120980 |
| 3 | Судуров Самандар | 21.09.2015 | 0130123547 |
| 4 | Давлатов Толиб | 24.02.2011 | 0130040158 |
| 5 | Назаров Зафарҷон | 09.04.2015 | 0130117781 |
| 6 | Аминов Сифатулло | 11.02.2010 | 0130010953 |
| 7 | Шарипова Мушарафа | 11.04.2012 | 0130061168 |
| 8 | Салимов Ғоиб | 13.08.2011 | 0130049673 |
| 9 | Ятимов Ибрагим | 06.06.2014 | 0130104398 |
| 10 | Умаров Ҷамшед | 21.12.2009 | 0230004665 |
| 11 | Бахронов Усмонали | 24.06.2017 | 0130149122 |
| 12 | Шаҳиди Парвиз | 21.08.2007 | 0130002245 |
| 13 | Аҳмадшоҳ Абдул Фатоҳ | 06.10.2010 | 0130032036 |
| 14 | Қаюмов Абдураҳмон | 16.06.2011 | 0130047345 |
| 15 | Саид Ашраф Хоҷа | 09.01.2007 | 0130004921 |
| 16 | Розиқова Людмила | 27.04.2010 | 0430033423 |
| 17 | Фаррух Махмадализода | 28.05.2011 | 0130046061 |
| 18 | Гадомуҳаммад Ҷонмуҳаммад | 07.04.2012 | 0130060875 |
| 19 | Зухуров Қурбонали | 19.10.2007 | 0430010891 |
| 20 | Эргашев Исроил | 03.02.2011 | 0130038233 |
| 21 | Раҳмонов Беҳрӯз | 22.07.2010 | 0430053791 |
| 22 | Юсуфов Сайхуҷа | 11.05.2010 | 0130021815 |
| 23 | Раҳматуллоев Лутфулло | 27.07.2009 | 0130000468 |
| 24 | Абдураҳмонов Маҳсуддин | 12.04.2011 | 0130043449 |
| 25 | Пермуҳамедова Гулноза | 04.11.2010 | 0430064855 |
| 26 | Шеров Обидбой | 07.04.2011 | 0130042844 |
| 27 | Набиева Фарзона | 22.08.2013 | 0130088503 |
| 28 | Шехов Шамсулло | 07.10.2011 | 0130052450 |
| 29 | Назарова Латофат | 08.05.2007 | 1230014876 |
| 30 | Ҳасанова Сафаргул | 07.10.2010 | 0130032183 |
| 31 | Мирзоёров Самаридин | 03.07.2013 | 0130086761 |
| 32 | Салимов Муслимҷон | 09.03.2016 | 0130129716 |
| 33 | Муҳидинова Собиҳа | 23.05.2014 | 0130103839 |
| 34 | Раҳимов Суҳробҷон | 24.11.2011 | 0230031872 |
| 35 | Сангов Нурали | 20.08.2010 | 0130030120 |
| 36 | Урозов Акмал | 26.04.2011 | 0130044595 |
| 37 | Сян Сиссюан | 04.08.2010 | 0130029094 |

**(Давом дорад)**

ЭЪЛОН

## АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

бо мақсади пешгирии ҳолатҳои аз тарафи кормандони мақомоти андоз аз субъектҳои хоҷагидор беасос талаб намудани пешпардохти маблағи андозҳо, ба истисноi ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки

**АЗ ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ АНДОЗҲОИ АЗ УҲДАДОРИИ ДАВРАИ ҲИСОБОТӢ ЗИЁД ХУДДОРӢ НАМОЕД.**

Бинобар ин, хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати муайян намудани дурустии уҳдадориҳои андозӣ доштан барои ҳар як давраи ҳисоботӣ, тибқи муқаррароти моддаи 19 Кодекси андоз бо мақомоти андози маҳалли қайди худ пайваста санади муқоисавӣ тартиб диҳед. Дар сурати аз ҷониби кормандони мақомоти андоз риоя нагардидани талаботи мазкур,

**ШУМО МЕТАВОНЕД БО РАҚАМИ ТЕЛЕФОНИИ СОДАКАРДАШУДАИ 151 ВА Ё ХАТТӢ БА КУМИТАИ АНДОЗ МУРОҶИАТ НАМОЕД.**

## ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# БОСМАЧИРО ТАЪРИХ ҲЕҶ ГОҲ НАМЕБАХШАД!

## Андешаҳои Сархатиби вилояти Суғд Ҳоҷӣ Ҳусайн Мӯсозода

Таърих аҷиб гардише дорад, бо мурури замон баъзан ҳолатҳо ё шахсиятҳо аз рӯи тасодуф бошад ё тарбия якдигарро такрор мекунанд ва ҳаммаслакони худро ҳимоя мекунанд. Калимаҳои «босмачӣ» ва «қурбошӣ» қариб фаромӯш шуда буданд, аммо дар ин айём раиси ТЭТ -Ҳизби хиёнаткори наҳзат Муҳиддин Кабирӣ ва косалеси он Саидюнуси Истаравшанӣ он босмачиҳоеро, ки сад сол пеш дар шаҳру деҳоти Тоҷикистон ба талаву тороҷ, таҷовуз ва ғорати молу мулки мардум машғул буданд, дар таърих ва байни мардум ҳамчун золим шинохта шудаанд, ҳимоя мекунанд ва худашонро низ босмачӣ меноманд. Ин матлабро Сархатиби вилояти Суғд Ҳоҷӣ Ҳусайн Мӯсозода зимни як навиштаи хеш ба АМИТ «Ховар» иброз дошт.

Дар идомаи матлаб омадааст:

-Муҳиддин Кабирӣ дар суханронии мустақими худ ва Саидюнуси Истаравшанӣ дар баёни фикри худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ қурбошиҳои асри гузашта Иброҳимбег, Фузайл махсум, Кӯри Шермат ва дигар золимонро муҷоҳид эълон намуда, ба мардуми олам кӣ будани худро тасдиқ карданд.

Муҳиддин Кабирӣ аз калимаҳои ҷиҳод, муҷоҳид, мубориз ва шаҳид лаззат мебарад, зеро ин калимаҳо саркардагон ва давомдиҳандагони фаъолияти Ҳизби хиёнаткори наҳзатро зиёда аз 30 сол инҷониб мехӯронанд, мепӯшонанд ва барои ба даст овардани маблағҳои ҳаром сабаб мешаванд.

Ҳизби хиёнаткори наҳзат солҳои навадуми асри гузашта ҷиҳод эълон карда, хуни мардумро рехт ва дар майдони Шаҳидон чунин эълон намуд: «Куштӣ, ғозӣ мешавӣ, кушта шавӣ, шаҳид мешавӣ ва ба ҷаннат меравӣ». Имрӯз бо тариқи шабакаҳои интернетӣ Кабирӣ ва Саидюнус ҳамон фатвои бе аслро пеш оварда, босмачӣ ва қурбошиҳоро муҷоҳид, мубориз ва шаҳид эълон намуданд. Аз ин суханҳои бемантиқ маълум мешавад, ки Кабирӣ ва ҳаммаслаки ӯ Саидюнус аз он босмачиҳо фарқе надоранд. Худ, ки хиёнаткор ҳастанд, хиёнаткоронро ҳимоя мекунанд, ҳақиқати таърихиро дидаву дониста, инкор мекунанд. Халқи одӣ аз дасти онҳо чӣ азобу машаққат дидаанд, онро намегӯянд ва даъво мекунанд, ки Иброҳимбег, Фузайл махсум ва Кӯри Шермат босмачӣ набуданд.

Ҳақиқати ҳолро Қаҳрамони Тоҷикистон ва фахри миллати тоҷик устод Садриддин Айнӣ гуфтаанд: «Босмачиён на ҳомии дин ва на мухториятхоҳ, на меншевик, балки аз ҳама чиз пештар дузду ғаддору яғмогару хунхоранд». Ҳақ ба ҷониби устод Садриддин Айнӣ мебошад ва мо имрӯз гуфта метавонем, ки Кабирӣ ва Саидюнус аз он қурбошӣ ва босмачиҳо фарқе надоранд, зеро миллати тоҷик на инҳоро мебахшаду на онҳоро.

**АМИТ «Ховар»**


# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2019 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*

**86 СОМОНӢ**



Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

Обуначиёни фаъол аз тарафи идораи «Боҷу хироҷ» ҳавасманд карда мешаванд.

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ ҶДММ «МЕГАПОЛИС» (РЯМ 0210007014), воқеъ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «АС» (РЯМ 0410006841, РМА 040014079) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.

■ ҶСНК «МНАМ» (РЯМ 1810003755) воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Тоҷиксохтмон» (РМА 510027445) воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «АВИА» (РМА 510035238) воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, барҳам мехӯрад.

■ Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби «Занҳои кишоварз»-и ш.Ваҳдат (РЯМ 0510004312) воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Аминҷон» (РМА 0710008475) воқеъ дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Балх» (РМА 0710001225) воқеъ дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Ширкати сайёҳӣ Ҳамадон» (РЯМ 0210025961) воқеъ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, барҳам мехӯрад.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Маҳмудова Шаҳноза (РЯМ 0430262626), аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Кабилова Дилором (РЯМ 0330049675), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Худойқулов Ҳасан (РЯМ 1830023819), аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии Муассисаи хонаи бачагони Танобчӣ №0261380 (РЯМ 2610002175) воқеъ дар ноҳияи Темурмалик, бинобар гум шуданаш,беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии ҶДММ «Сафарали» №0017460 (РЯМ 3810000187) воқеъ дар ноҳияи Шаҳритус, бинобар гум шуданаш,беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва иқтибоси мутаалиқ ба КИ «Шодии халқҳо» (РМА 290006695) воқеъ дар ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Абдуназар» (РЯМ 0530001991) воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Исобоев Равшанҷон (РЯМ 5530065659), аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Сангинов Ҷамшед (РЯМ 6230007172), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Собиров Наврӯз (РЯМ 6230055105), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Файзуллоев Валиҷон (РЯМ 6230018163), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Тошматов Рустам (РЯМ 6230006897), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Калонова Муҳаббат (РЯМ 6230013974), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шукуров Комил (РЯМ 6230001654), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Полвонова Манзура (РМА 345477847), аз ноҳияи Кушониён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Авазов Ғоибназар №0015054 (РЯМ 3330001208), аз ноҳияи Ҷ.Балхӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мирзоев Шералӣ (РЯМ 2830107519), аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдиев Абдуғафор (РЯМ 0730166846), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

**Мошинаи назоратии хазинавии тамғаи МИНИКА 1102 Ф №0000279 ба соҳибкори инфиродӣ Зокиров Усмонҷон (РЯМ 0130054678) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.**

**ТАСҲЕҲ**

Дар шумораи №3 (1152) рӯзномаи «Боҷу хироҷ» аз 17-уми январи соли 2019 дар мақолаи «Натиҷагирӣ аз фаъолияти солона» дар сархати дуюм ба ҷойи Раҷабализода Раҷабзода хонда шавад.


**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи шумо мерасонад, ки пас аз ҳисоб намудани маблағи андозҳо метавонед ба мақомоти андоз ҳозир нашуда, тавассути нуқтаҳои ваколатдори Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» маблағи андози дахлдорро ба буҷет пардохт намоед ва расиди маблағи пардохтшударо, ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунанда, бо худ нигоҳ доред.

Ёдрас мешавем, ки дар сурати ба шахси дигар додани маблағи андоз эҳтимолияти пардохт накардани андозҳо ва боиси дар назди буҷет қарздор мондани шумо мегардад.

**ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!**

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

**ОБЪЯВЛЕНИЕ**

**УВАЖАЕМЫЕ НАЛОГОПЛАТЕЛЬЩИКИ!**

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан**

в целях предотвращение необоснованных требований сотрудников налоговых органов об предварительной оплате налогов с налогоплательщиков, за исключением случаев предусмотренных Налоговым кодексом Республики Таджикистан, убедительно просит Вас

**ВОЗДЕРЖАТЬСЯ ОТ УПЛАТЫ ИЗЛИШНИХ НАЛОГОВ ТЕКУЩЕГО ПЕРИОДА.**

В связи с этим, в соответствии с положениями статьи 19 Налогового кодекса просим вас в целях определения правильности налоговых обязательств в каждом налоговом периоде, постоянно осуществлять налоговые акты сверки с налоговыми органами по месту налоговой регистрации. В случае несоблюдения настоящих требований со стороны сотрудников налоговых органов,

**МОЖЕТЕ ОБРАЩАТЬСЯ В КОНТАКТ – ЦЕНТР НАЛОГОВОГО КОМИТЕТА ПО ТЕЛЕФОННОМУ НОМЕРУ 151 ИЛИ ПИСЬМЕННО.**

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан**

**ЭЙ ҲАМВАТАН!**

Барои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ миннатпазирем!



**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

www.andoz.tj



Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**РУШДИ ИҶТИМОӢ ВА ИҚТИСОДИИ КИШВАР АЗ УСТУВОРИИ ПАРДОХТИ АНДОЗҲО ВОБАСТА АСТ**



**ТАШАККУР БАРОИ ПАРДОХТИ АНДОЗҲО!**

Аз таърихи андоз

## АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ЗАМОНИ БАРҚАРОРШАВИИ СОТСИАЛИЗМ

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Даромади софи ташкилотҳо, ки онро аз манбаъҳои гуногун ба даст меоварданд, андозбандӣ мешуд. Ҳадди аққали андозбандинашаванда дар ҳаҷми 1500 рубли даромади соф дар як сол муайян гардида буд, бо ҳамин роҳ корхонаҳои хурди даромади камдошта аз андозсупорӣ озод мешуданд.

Ҳаҷми андоз аз даромади ташкилотҳои давлатӣ ва кооперативӣ мисли пештара 8 фоиз даромади софро ташкил медод. Қоидаи пеш вуҷуддошта, яъне миқдори (ҳаҷми) андози ситонидашаванда набояд аз музди меҳнати (оклади) кормандони бевосита дар истеҳсолот иштирок намекардагӣ зиёд бошад, нигоҳ дошта шуд. Андоз ҳамзамон бо пешниҳоди баланс, дар мӯҳлати на зиёдтар аз се моҳи ба охир расида бояд пардохт мегардид.

Андоз гирифтан аз фоидаи балансӣ боиси беҳтар шудани вазъи молиявии корхонаҳои давлатӣ гардид. Пештар аз фоида (ба даст меомадагӣ) андоз гирифта мешуд, вале он барои беҳ гардидани вазъи молиявии корхона мусоидат намекард.

Соли 1927 тартиби андозбандии коргарон ва ходимони давлат тағйир ёфт. Ба ҷойи аз рӯйи ҳисоби яксола ва ба моҳҳо тақсим карда гирифтани андоз тартиби нав ҷорӣ гардид: андозро корманд он дар ҷойи кор аз музди меҳнаташон месупориданд. Даромадҳо барои кор аз рӯи созишнома (ҳамкорӣ) дар ҳар як ҷойи кор (корхона) ҷудогона анозбандӣ мешуданд, бо ин роҳ андозситонӣ содатар гардид, инчунин, барои коргарону ходимони давлатӣ фоидаовар буд. Маблағи ҳадди аққали андозбандинашавандаи коргарон ва ходимони давлат дар минтақаи IV ба 75 рубл, дар минтақаи I ба 100 рубл баробар буд. Ин амалро боз як роҳи имтиёз додан ба коргарону хизматчиён шумо◊ридан мумкин аст.

Андоз аз даромади изофа, ки аз нимсолаи дуюми соли 1925 – 1926 ҷун андози муҳаққатии замони индустриализатсия ҷорӣ гардид, ба андози доимии аз унсурҳои капиталистӣ ситонидашаванда (ба ғайр аз андози даромад) табдил ёфт.

Ба тавассути андоз аз даромади изофа баъзе ҳадафҳо пайгирӣ мешуданд, аз 50 % маблағи ин андоз барои таъминоти кӯдакони ятиму бесаробон истифода мешуд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир Исломов «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**




# Аз ҳар хусус



Бешубҳа, дар баъзе мамлакатҳо ҳайвонҳо ба хизмати давлатӣ ҷалб мегарданд.

## Филҳо низ ба нафақа мебароянд?

Дар кишварҳои Таиланду Ҳиндустон филҳое, ки ба хизмати давлатӣ сафарбар гардидаанд, ҳуқуқи баромадан ба рухсатии меҳнатию нафақаро доранд. Мувофиқи Конститутсияи Таиланд ва қонунҳои ҷории Ҳиндустон филҳо дар синни 60 – 65 солагӣ ба нафақа мебароянд. Дар ин давра онҳо бо хӯрок, хизматрасонии тиббӣ ва дигар шароити зарурӣ таъмин мегарданд. Дар Таиланд беш аз 20 ҳазор фил ҳаст, ки аз рӯи қобилияташон дар соҳаҳои гуногун фаъолият менамоянд. Барои муайян кардани лаёқаташон, онҳо аз хурдсолӣ ба омӯзиш фаро гирифта шуда, танҳо баъд аз 3 сол, яъне дар 12 – солагӣ, ҳуқуқи ба кор машғул шуданро пайдо мекунанд. Хотиррасон менамоем, ки филҳо беш аз 70 сол умр мебинанд.

## Фоидаи равғани растанӣ

Равғани растанӣ манбаи хуби витамини Е аст, ки он пеши роҳи бармаҳал пайдошавии ожангҳо ва бемориҳои қалбу рагҳоро мегирад. Дар равғани растанӣ миқдори калони кислотаи линол мавҷуд буда, он барои пешгирии бемориҳои қалб ва гипертония нафъовар аст ва сатҳи холестеринро паст карда, ба фаъолияти майнаи одам манфиат дорад.

Равғанро бо хӯриши аз сабзӣ ва қаланфури булғорӣ тайёршуда омехта кардан хуб аст. Бо мақсади ҳал кардани витамини А, ки таркиби ҳамаи сабзавот ва меваҳои сурху норинҷӣ аз он бой аст, равған зарур аст. Бинобар ҳамин, равғанро бо чунин меваю сабзавот омехта истеъмол кардан манфиатнок хоҳад буд.

## Суханони ҳакимона

Донише, ки туро ислоҳ накунад, гумроҳӣ аст ва моле, ки туро суд надиҳад, азоб аст.

ххх

Шахсе, ки хоҳиши ба ҳадаф расидан надошта бошад, аз кораш завқ намебарад.

ххх

Ростгӯёнро дӯст медорам, агарчи душманони мананд. Дурӯғгӯёнро чашми дидан надорам, агарчи дӯстонам ҳастанд.

ххх

Мо ҳар чизи хостаамонро ҳеҷ гоҳ ба даст оварда наметавонем, то вақте ки аз чизи доштаамон шукрона накунем.

ххх

Барои қаҳрамон шудан, ба мисли қаҳрамон фикр бояд кард.

ххх

Агар чизи хубе омӯхтӣ, ба дигарон низ омӯзон ва ҳамин тавр чун меваи хуб истифода мешавӣ.

ПАНДИ РӮЗГОР

## Чаҳор чиз...

**Чаҳор чиз чаҳор касро набошад:**

1.Дурӯғро мурувват. 2. Бахилро саодат. 3. Ҳасудро роҳат. 4. Бадхӯро бузургӣ.

**Чаҳор чизро набояд кард, то пушаймонӣ наорад:**

1.Супурдани корҳо ба носазоён. 2. Накӯӣ ба нокасон. 3. Бадӣ ба некон. 4. Шитоб дар фиску гуноҳу исён.

**Аз «Туҳфат-ул- мулк»**

## Оё медонед?

Маънои калимаи Samsung «Самсунг» «се ситора» аст ва аз калимаи курияӣ гирифта, се намуди бузург ва фаровонӣ мебошад.




## Сингапур – кишвари хурдакаки доро



Ҷумҳурии Сингапур шаҳр, мамлакат ва ҷазирае мебошад, ки дар ҷанубу шарқи Осиё ҷойгир аст. Сингапур яке аз кишварҳои поктарин дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад, зеро қонунҳо дар бораи ифлоскунӣ ниҳоят сахтанд. Масалан, соҳибони автомобил, агар ба маркази шаҳр раванд, андози иловагӣ пардохт менамоянд, зеро барои ворид шудан пардохти махсуси ситонидашавандаи роҳ мавҷуд аст. Масоҳаташ 715,8 километри мураббаъ буда, 5,5 миллион аҳолӣ дорад. Ҳиссаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар 55 000 долларро ташкил медиҳад, ки ин кишварро нисбат ба бисёр кишварҳои бузург дар ҷои нисбатан боло мегузорад.


БОҶУ ХИРОҶ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-40 (қабулгоҳ), 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Фирдавси АБДУРАҲМОН

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

**Индекс: 68930**

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Теъдод: 46 741